**5** – 90- солагии зодрӯзи Ботур **Қобилов** (1931), наворбардори кино ва ТВ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

– 120 - солагии зодрӯзи Ҳоҷиумар **Қосимов** (1901-1990), устоди рақс, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**6** – 75 - солагии зодрӯзи Ҳусайн **Саидов** (1946), журналист.

– 70 - солагии зодрӯзи Сафармуҳаммад **Юсуфҷонов** (1951), журналист.

**7** – 90 - солагии зодрӯзи Ризвоншо **Эҳмолшоев** (1931), сароянда, Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**9** – 95 - солагии зодрӯзи **Хушбахт Хушваќтов** (1926-2013), Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

– 95 - солагии зодрӯзи Рамзия **Баккал** (Тарсинова) (1926), устоди рақс, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

– 70 - солагии зодрӯзи Зубайдулло **Шарифов** (1951), журналист.

**10** – 85 - солагии зодрӯзи Абдулҳай **Асроров** (1936-1994), журналист.

– 85 - солагии зодрӯзи Бобо **Расулзода** (1936-2009), Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

– 55 - солагии зодрӯзи Талбак **Хӯҷамуродов** (1966), журналист.

**11** – 90 - солагии зодрӯзи Владимир **Кормилин** (1931), актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**12** – 70 - солагии зодрӯзи Неъматулло **Абдураҳимов** (1951), журналист.

– 86 - солагии зодрӯзи Дилбар **Аҳмадалиева** (1936), Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

– 70 - солагии зодрӯзи Усмон **Икромов** (1951), журналист.

**13** – 105 - солагии зодрӯзи Нериё **Аминов** (1916-1996), сароянда ва оҳангсоз, Ҳофизи халқии Тоҷикистон, Ҳунарпешаи шоистаи ҷумҳурӣ.

– 65 - солагии зодрӯзи Саида **Набиева** (1956), журналист.

**15** – 70 - солагии зодрӯзи Абдусалом **Абдуллоев** (1951), рассом.

– 85 - солагии зодрӯзи Қумрӣ **Қодирова** (1936-2012), сароянда.

– 85 - солагии зодрӯзи Ҷаббор **Раҷабов** (1936), журналист.

**16** – 65 - солагии зодрӯзи Нозим **Нозимов** (1956), журналист.

**17** – 80 - солагии зодрӯзи Абдусаттори **Абдураҳим** (1941), журналист.

– 95 - солагии зодрӯзи Раҷаб **Ашӯров** (1926-1989), журналист.

**18** – 70 - солагии зодрӯзи Фарҳод **Қурбонов** (1951), журналист.

**19** – 65 - солагии зодрӯзи Сайёҳат **Неъматова** (1956), журналист, ровӣ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

– 80 - солагии зодрӯзи Аъзам **Солиев** (1941-2014), оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**20** – 70 - солагии зодрӯзи Икромиддин **Ғиёсов** (1951), журналист.

**21** – 95 - солагии зодрӯзи Феликс Мастибекович **Тошмуҳаммадов** (1926), коргардон, актёр, драматург, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

– 70 - солагии зодрӯзи Маҳмадалӣ **Маҳмадов** (1951), актёри кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

– 75 - солагии зодрӯзи Ҷонмурод **Муродбеков** (1946), журналист.

**22** – 85 - солагии зодрӯзи Давлатхудои **Амрихудо** (1936), сароянда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

– 55 - солагии зодрӯзи Билолхон **Кабиров** (1966), журналист.

– 125 - солагии зодрӯзи Татяна **Моисенко** (1896-1977), Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

**24** – 75 - солагии зодрӯзи Мавлодод **Бахтиёров** (1946), оҳангсоз, мутриб.

– 115 - солагии зодрӯзи Евгения **Рогулина** (1906-1984), актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**25** – 75 - солагии зодрӯзи Валентина **Ершова** (1946), рассом.

– 75 - солагии зодрӯзи Салим **Муқимов** (1946-1982), актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

– 80 - солагии зодрӯзи Бердимурод **Турдимуродов** (1941), актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**26** – 65 - солагии зодрӯзи Шавкат **Халилов** (1956), коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**28** – 90 - солагии зодрӯзи Нинел **Зуева** (1931), сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

– Рӯзи ҷаҳонии кино.

**29** – 75 - солагии зодрӯзи Бобоҷон **Атобеков** (1946), журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

– 65 - солагии зодрӯзи Тӯҳфа **Аҳмадова** (1956), журналист.

– 100 - солагии зодрӯзи Усмон **Мадёров** (1921-1991), дирижёр.

**30** – 70 - солагии зодрӯзи Муқаддасхон **Шайдуллоева** (1951), сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

# ОЧЕРКҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

## АҲМАД БОБОҚУЛОВ
**(Ба ифтихори 90-солагии зодрӯзаш)**

Яке аз овозхони тенори лирикӣ ва драмавии тоҷик Аҳмад Бобоқулов (писари Ҳофизи халқии Тоҷикистон, устоди «Шашмақом» Бобоқул Файзуллоев) 17 январи соли 1931 дар шаҳри Сталинобод (Душанбеи ҳозира) чашм ба дунё кушодааст. Соли 1954 шуъбаи вокалӣ ва аспирантураи назди Консерваторияи Москваро (1962) хатм намудааст. Ӯ ба сифати солист дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон, Театри академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, роҳбари бадеии ансамбли мақомхонони Кумитаи давлатии РСС Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ, омӯзгори калони шуъбаи вокал ва театрию операвии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ифои вазифа кардааст.

Аҳмад Бобоқулов ҳамчун устоди опера дар сароидани операҳои бастакорони тоҷик ва сурудҳои классикии русу хориҷӣ маҳорат нишон дода, барои равнақи санъати операи тоҷик хизмати беандозае кардааст. Аз ҷумла ӯ дар операҳо образҳои Канио «Масхарабозҳо»-и Леонкавалло (1967), Синодал «Азозил»-и А. Т. Рубинштейн (1967), Содиқ «Бозгашт»-и Ё. Сабзанов (1967), Замон «Домоди номдор»-и С. Урбах (1967), Мадан «Комде ва Мадан»-и З. Шаҳидӣ (1966), Рӯдакӣ «Рӯдакӣ»-и Ш. Сайфиддинов (1976), Водемон «Имонта»-и П. Чайковский (1976) ва ғайраро хеле хуб иҷро кардааст.

Аҳмад Бобоқулов дар сароидани сурудҳои классикӣ ҳунари вокалро моҳирона истифода мебурд. Дар сароидани «Шашмақом» низ ӯ маҳорати баланд дошт. Ӯ сурудҳои «Ушшоқи Самарқанд», «Дугоҳ»,

«Қашқарчаи муғулчаи Дугоҳ», «Ироқ», суруди халқии «Ғарибӣ» ва ғайраро самимона сароидааст.

Ӯ ба шогирдону ҳофизони ҷавон қисматҳои алоҳидаи «Шашмақом»-ро омӯзонда, анъанаҳои овозхонии устодони «Шашмақом» - Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва Фазлиддин Шаҳобов-ро ёд додааст.

Ӯ ба бисёр шаҳрҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва мамолики хориҷ, ба монанди Афғонистон, Индонезия, Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Канада, Австрия, Олмони Федералӣ ва ғайра, сафарҳои ҳунарӣ кардааст ва санъати халқи тоҷикро ба онҳо муаррифӣ намудааст.

Барои хизматҳои шоёнаш Аҳмад Бобоқулов дар ҷодаи опера ва «Шашмақом» бо унвонҳои Артисти халқии СССР (1971), профессор (1977) мушарраф гардидааст. Ӯ солҳои 1966-1985 аъзои Комиссияи тафтишотии КМ ПК Тоҷикистон, Вакили съездҳои XVI-XVIII ПК Тоҷикистон буд. Вай дорандаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ (1966), Ҷоизаи Борбад (1990) ва бо орденҳои Ленин, «Байрақи Сурхи Меҳнат» ва медалу ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст. Соли 1990 дар ш. Душанбе вафот кардааст.

**Адабиёт**

Аҳмад Бобоқулов [Матн]: ба муносибати 50-солагии рӯзи таваллудаш // Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1980. – С. 16-18.

Давлатов, Х. Ҷовидон бод суруд! [Матн]: Артисти халқии ҷумҳурӣ Аҳмад Бобоқулов // Маориф ва маданият. – 1964. – 3 ноябр.

Дар бораи ба Аҳмад Бобоқулов додани номи фахрии Артисти халқии СССР [Матн]: Указӣ Президиуми

Совети Олии СССР // Тоҷикистони советӣ. – 1971. – 7 июл.

Зеҳниева, Ф. Сароянда [Матн]: Артисти халқии СССР Аҳмад Бобоқулов // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 1. – С. 284-285.

Низом, Ш. Тенори бузург ва беҳамто [Матн]: - Аҳмад Бобоқулов // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 30 март.

Нурҷонов, Н. Бобоқулов Аҳмад // ЭМТ.– Душанбе: СИЭМТ, 2013. – Ҷилди 2. – С.614-615.

Низомов, А. Ифтихори санъати мо [Матн]: Артисти халқии СССР Аҳмад Бобоқулов // Тоҷикистони советӣ. – 1981. – 17 март.

Нурҷонов, Н. Шаби эҷодии Ҳофиз [Матн]: Артисти халқии СССР Аҳмад Бобоқулов // Тоҷикистони советӣ. – 1971. – 4 март.

Раҷабов, А. Бобоқулов Аҳмад [Матн]: Артисти халқии СССР Аҳмад Бобоқулов // ЭСТ. – Душанбе, 1978. – Ҷ. 1. – С. 467.

Сабоҳӣ, Ҳ. Диле саршор аз ишқи санъат [Матн]: Артисти халқии СССР Аҳмад Бобоқулов // Маориф ва маданият. – 1976. – 27 январ.

Турсунзода, М. Сазоворони мукофоти Рӯдакӣ [Матн]: Артисти халқии республика Аҳмад Бобоқулов // Маориф ва маданият. – 1966. – 6 ноябр.

Ҳақназар, Ш. Дирӯз будам бо шумо [Матн]: ёде аз санъаткори варзида Аҳмад Бобоқулов // Чархи гардун. – 1999. – 30 апрел.

Ҳақназар, Ш. Хуршеде дар симои ҳунар [Матн]: овозхони беҳамто Аҳмад Бобоқулов // Адабиёт ва санъат. – 2006. – 2 феврал.

Шарифов, Х. Чеҳраи шинохтаи ҳунар [Матн]: ёде аз овозхони Иттифоқи Шӯравӣ Аҳмад Бобоқулов // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 1 январ.

Бобокулов Ахмад [Текст]: таджикский советский певец // БСЭ. – Т. 3. – С. 577.

Бобокулов Ахмад [Текст] // Ежегодник БСЭ. – М., 1972. – С. 594.

Назарова, Л. Певец Мира [Текст]: к 70-летию Ахмада Бобокулова // Народная газета. – 2001. – 25 января.

## АНҶУМАНИ ЯКУМИ КОРМАНДОНИ КИТОБХОНАҲОИ ТОҶИКИСТОН
### (Ба ифтихори 60-солагии баргузориаш)

Имсол ба баргузории Анҷумани якуми коркуноии китобхонаҳои Тоҷикистон 60 сол пур мешавад. Анҷуман 30 январи соли 1961 бо иштироки 439 нафар вакилон, аз ҷумла 318 нафар кормандони китобхонаҳои мамлакат баргузор гардид. Ҳамзамон дар кори Анҷуман намояндагон аз ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ, маорифи халқ, соҳаи табъу нашр ва савдои китоби ҷумҳурӣ иштирок карданд. Сараввал табрикномаи ба Анҷуман фиристодаи Кумитаи марказии Ҳизби

коммунистии Тоҷикистонро мудири шуъбаи тарғиб ва ташвиқи КМ ҲК Тоҷикистон В. Шарифов қироат намуд. Аз ҷумла дар номаи шодбошӣ омадааст, ки «Китобхонаҳо бояд ба коргарон, колхозчиён ва зиёиён дар бобати такмил додани донишҳои худ, аз худ намудани комёбиҳои навтарини фан, техника ва усулҳои пешқадами меҳнат ёрӣ расонанд, барои баланд бардоштани дараҷаи маданӣ ва маълумоти умумии меҳнаткашон, баҳри дар ҳар як одами советӣ парваридани хислатҳои баланди ахлоқу одоб ҳаматарафа мадад кунанд» [3]. Сипас дар Анҷуман вазири маданияти ҶШС Тоҷикистон Алиқул Имомов дар мавзӯи «Оид ба иҷрои қарори КМ ҲКИШ «Дар бораи ҳолат ва чораҳои беҳтар намудани кори китобхонаҳо дар мамлакат» ва вазифаҳои коркунони китобхонаҳои ҷумҳурӣ» [7] маърӯза кард. Аз рӯи маърӯзаи мазкур вакилони зерин: С. Х. Абдуллоева – директори Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ, [1] Б. Исоев – мудири шуъбаи маданияти вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) [8] О. Алидӯстова – директори китобхонаи вилоятии ВАБК [2], Б. Тоҳирова – мудири шуъбаи маданияти шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) [15], С. Ғурбатова – корманди китобхонаи бачагонаи шаҳри Кӯлоб [5], Х. Йӯлдошева – мудири шуъбаи маданияти шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) [9] А. Мамадқулова – мудири китобхонаи қишлоқии Кӯктош [11] ва дигарон ба музокира баромаданд. Ҳамзамон дар Анҷуман М. Каримова – ҷонишини вазири маорифи ҶШС Тоҷикистон [10], Т. А. Марозова – мудири китобхонаи комбинати бофандагии шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) [12], З. М. Шевченко – директори Китобхонаи марказии илмии Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон [16], Х. Ғуломов – сардори раёсати муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон [4], В. Пӯлодов – мудири китобхонаи қишлоқи Чилгазии

шаҳри Исфара [14] ва дигарон суханронӣ карданд. Дар охири кори Анҷуман котиби КМ ҲК Тоҷикистон Н. Зарифова оид ба мавзӯи «Боигарии китобхонаҳо ба хизмати халқ» [6] маърӯза кард.

Дар охир аз ҷониби вакилони Анҷуман муроҷиатнома ба тамоми коркунони китобхонаҳои чумҳурӣ қабул гардид, ки он минбаъд ҳамчун раҳнамо барои такмили фаъолияти китобдорон мавриди истифода қарор гирифт. Аз ҷумла дар Муроҷиатнома омадааст, ки «Мо бояд дар вақтҳои наздик китобро ба ҳар як маҳалли аҳолинишин, ба ҳар як оила расонем. Барои ин корбарии оммавӣ ва инфиродиро бо ҳар як мутолиакунанда қатъиян беҳтар намудан ва ба он ноил гардидан зарур аст, ки китоби китобхона дар давоми сол на кам аз 2-3 маротиба дар муомила бошад ва ҳар як кас дар давоми сол ба ҳисоби миёна камаш 20 китоб хонад» [13].

Маърӯзаву гузоришҳои дар доираи Анҷуман якуми коркунони китобхонаҳои Тоҷикистон баррасишуда барои таҳлили вазъи воқеии фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, ошкор намудани дастоварду нарасоиҳои соҳа, муайяну мушаххас намудани роҳҳои минбаъдаи рушди китобхонаҳои мамлакат дар самти ҷобаҷогузории китобхонаҳо дар маҳалҳо бо дарназардошти шумораи аҳолӣ, мукаммал гардонидани фонди китобхонаҳо бо адабиёти тозанашр, таҳкими заминаи моддию техникии китобхонаҳо ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ ба аҳолии ҷумҳурӣ мусоидат кард.

**Адабиёт**

1. Абдуллоева, С. Х. Барои пропагандаи васеи китоб [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

2. Алидӯстова, О. Нури дониш дар Боми ҷаҳон [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

3. Ба Анҷумани якуми коркунони китобхонаҳои Тоҷикистон [Матн]: табрикномаи КМ ПК Тоҷикистон // Маориф ва маданият. – 1961. – 31 январ.

4. Ғуломов, Х. Боигарии китобхонаҳо ба омма [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

5. Ғурбатова, С. Кор бо хонандагон [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

6. Зарифова, Н. Боигарии китобхонаҳо ба хизмати халқ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

7. Имомов, А. Оид ба иҷрои қарори КМ КПСС «Дар бораи ҳолат ва чораҳои беҳтар намудани кори китобхонаҳо дар мамлакат» ва вазифаҳои коркунони китобхонаҳои республика [Матн]: маърӯзаи вазири маданияти РСС Тоҷикистон // Маориф ва маданият. – 1961. – 31 январ.

8. Исоев, Б. Тарбияи одами нав вазифаи марказӣ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

9. Йӯлдошева, Х. Тараққиёти бемисл [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

10. Каримова, М. Китоб ба ҳар як хонандаи мактаб [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

11. Мамадқулова, А. Ҳаракату баракат [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

12. Морозова, Т. А. Пропагандаи адабиёти техникӣ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

13. Муроҷиатномаи вакилони Анҷумани якуми коркунони китобхонаҳои Тоҷикистон ба тамоми коркунони китобхонаҳои ҷумҳурӣ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 31 январ.

14. Пӯлодов, В. Бо ёрии совети китобхона [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

15. Тоҳирова, Б. Бо методҳои нав [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

16. Шевченко, З. М. Фонди китобхонаҳоро мунтазам пурра кардан лозим аст [Матн] // Маориф ва маданият. – 1961. – 2 феврал.

## ИСЛОМ АКРАМОВИЧ ҶӮРАЕВ
**(Ба ифтихори 90-солагии зодрӯзаш)**

Корманди шоистаи Тоҷикистон, устоди китобдорони тоҷик, дотсент Ислом Акрамович Ҷӯраев 2 феврали соли 1931 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Ӯ пас аз хатми Техникуми ҷумҳуриявии китобдорӣ воқеъ дар ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) ба факултаи китобдории Донишкадаи давлатии маданияти Маскав шомил шуда, онро бомуваффақият хатм менамояд.

Ислом Акрамович Ҷӯраев фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун омӯзгори мактаби ибтидоии ноҳияи Шӯрчии вилояти Сурхондарёи ҶШС Ӯзбекистон (соли 1949) оғоз намуда, сипас ба ҳайси омӯзгори Техникуми ҷумҳуриявии китобдории ноҳияи Рӯдакӣ, мудири шуъбаҳои методӣ, коркарди адабиёту феҳристнигории Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ (ҳоло

Китобхонаи миллии Тоҷикистон), мудири китобхонаи Донишкадаи политехники Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ), директори Иттиҳодияи савдои китоби вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) ва мудири кафедраи маданию маърифатӣ ва санъати Донишкадаи давлатии педагогии ба номи Т. Г. Шевченко кору фаъолият намудааст.

Ислом Акрамович Ҷӯраев аз ибтидои таъсисёбии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (с.1973) яке аз аввалинҳо шуда дар ташкилу бунёди факултаю кафедраҳо, тахассусҳои нави соҳаи китобдорӣ саҳми муносиб гузошта, раванди минбаъдаи такомули таълиму тадриси ин соҳаи барои фарҳанги миллӣ хеле заруриро ба низом даровардааст. Бахусус ба ҳайси нахустдекани факултаи китобдорӣ (солҳои 1973-1983) баҳри дар амал пиёда кардани нақшаҳои таълимӣ, бо маводи зарурии таълимӣ таъмин намудани фанҳои тахассусӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи муфиди омӯзгорӣ ва роҳандозии таҷрибаомӯзии донишҷуён дар хориҷи кишвар хизмати шоиста кардааст.

Бо қалами устод Ислом Акрамович Ҷӯраев асарҳои «Таърихи кори китобхонаҳо дар Тоҷикистон», «Сайре дар олами китоб», «Автоматиконӣ ва механиконии раванди кори китобхона», «Луғати русӣ-тоҷикии китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ» ва беш аз 60 мақолаи илмӣ марбут ба соҳаи китобдорӣ тааллуқ доранд. Бештари асару мақолаҳои таълифнамудаи устод ба масоили тарбияи кадрҳои китобдорӣ, тарғибу ташвиқи осори чопӣ дар китобхонаҳо, истилоҳоти китобдорӣ, таърихи кори китобхонаҳои Тоҷикистон, тарғиби таҷрибаи муфиди китобдорӣ, фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва истифодаи васоити нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо бахшида шудаанд.

Хизмати устод Ислом Акрамович Ҷӯраев дар рушди назария ва амалияи китобдории тоҷик, тарбияи мутахассисони баландихтисоси соҳа хеле калон аст. Гурӯҳе аз шогирдони устод номзад, доктори илм, дотсент ва профессор мебошанд.

Ислом Акрамович Ҷӯраев барои хизматҳои арзандаву бенуқсон дар рушду нумӯи соҳаи китобдорӣ бо грамотаҳои фахрии Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон, Кумитаи давлатӣ оид ба нашр, савдои китоб ва полиграфия, нишонҳои «Аълочии мудофиаи граждании СССР», «Аълочии донишкадаҳои олии СССР», «Ғолиби мусобиқаи сотсиалистӣ», медали «Собиқадори меҳнат» ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» сарфароз гаштааст. Ӯ 10 августи соли 2017 дар синни 86 солагӣ вафот кардааст.

**Намунаи осор**

Китоб ва харидор: аз таҷрибаи кори Иттиҳодияи китобфурӯшони ноҳияи Октябр // Тоҷикистони советӣ. – 1969. – 16 феврал.

Китобхона ва тарбияи китобдорон [Матн] // Маориф ва маданият. – 1972. – 3 феврал.

Луғати русӣ – тоҷикии китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ [Матн] / муҳаррири масъул Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 280 с.

Макони дуру маънӣ [Матн]: ба ифтихори 60-солагии Коллеҷи фарҳанг // Насими айём. – 2005. – 9 июл.

Муассисаҳои маданият дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн]: аз саҳифаҳои таърих // Маориф ва маданият. – 1971. – 12 январ.

Сайре дар олами китоб [Матн] / зери назари С. Сулаймонӣ. – Душанбе: Амри илм, 1996. – 58 с.

Фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2005. – № 4–5 (62). – май.

**ххх**

Библиотека им. Лахути г. Душанбе в годы ВОВ [Текст] // Деятельность учреждений культуры и искусства Таджикиской ССР в годы ВОВ: тезисы докл. – Душанбе, 1985. – С. 36-38.

Библиотека им. Фирдоуси в годы войны [Текст] // Библиотеке имени Фирдоуси – 50 лет: сб. статей. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 28-35.

История библиотечного дела в Таджикистане [Текст]: программа спецкурса для студентов библ. ф-та / под ред. С. Сулейманова. – Душанбе, 1989. – 20 с.

Подготовка библиотекарей в Таджикистане [Текст] // Сов. библиотековедение. – 1981. – № 1. – С. 116-117.

## Адабиёт

Бӯриев, Қ., Раҷабов, Ҷ. Ислом Акрамович Ҷӯраев [Матн]: ба ифтихори 80 – солагии зодрӯзаш // Тақвими Арбобони барҷастаи фарҳангу санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2012 / ПИТФИ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – С. 27 – 29.

Ислом Акрамович Ҷӯраев [Матн]: Нишондиҳандаи библиографӣ / мураттиб Ҷ. Раҷабов; муҳаррири масъул А. Юнусов. – Душанбе, 1991. – 15 с.

Комилзода, Ш. Дар саргаҳи китобдории тоҷик буд // Баҳори Аҷам. – 2017. – 30 январ.

Раҷабов, Ҷ. Ҷӯраев Ислом [Матн] // Коршиносони эҷодкори Китобхонаи миллӣ: маълумотномаи шарҳиҳолию библиографӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – С. 16-17.

Раҷабов, Ҷ., Юнусов, А. Андар дили ӯ меҳри китоб ҷой шуда [Матн]: роҷеъ ба фаъолияти илмии дотсенти ДДСТ ба номи М.Турсунзода И. А. Ҷӯраев // Омӯзгор. – 1991. – 30 январ.

Тошев, Ш. Мураббии китобдорон [Матн] // Ҷӯраев Ислом Акрамович: маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе: Эр–граф, 2007. – С.32.

Ҷӯраев Ислом Акрамович [Матн]: маҷмӯи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ / мураттибон Б. Холов, С. Шосаидов; зери назари Ҷ. Шерматов; ДДСТ ба номи М. Турсунзода; Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот. – Душанбе: ЭР –граф, 2007. – 52 с.

## БОЗОР САФАРАЛИЕВ
### (ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Бозор Сафаралиев, фарҳангшинос, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, 5 феврали соли 1956 дар шаҳраки Ёвони ноҳияи Ёвон таваллуд шудааст. Соли 1973 мактаби №1 ба номи А.М.Горкии шаҳраки Ёвонро

хатм карда, солҳои 1974-1976 дар Артиши Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Беларус адои хизмат намудааст. Соли 1977 пас аз хатми Техникуми ҷумҳуриявии маданӣ-маърифатии ноҳияи Ленин (ҳоло Коллеҷи фарҳанги ба номи П.Бӯйдоқови ноҳияи Рӯдакӣ) дар совети қишлоқи «Озодӣ»-и ноҳияи Ёвон ба ҳайси роҳбари бадеии Хонаи маданият фаъолият намудааст. Солҳои 1978-1982 дар шуъбаи рӯзонаи Донишкадаи давлатии маданияти Маскав таҳсил намудааст. Аз соли 1982 ба сифати муаллими кафедраи корҳои маданию маърифатии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода кор кардааст.

Солҳои 1986-1989 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишкадаи давлатии маданияти Маскав таҳсил намуда, соли 1991 дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди низоми корҳои фарҳангию маърифатӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1924-1941)» рисолаи номзадиро бомуваффақият дифоъ менамояд ва соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мегардад.

Аз соли 1990 дар вазифаи сардори Раёсати муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Соли 1993 ӯро барои таҳсил ба доктарантураи Донишкадаи давлатии маданияти Маскав фиристоданд. Ӯ моҳи январи соли 1998 дар ҳамин Донишкада рисолаи доктириро дар мавзӯи «Рушди фарҳанги маънавии халқи тоҷик: ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ (нимаи дуюми қарни XIX ва оғози асри XX)» бомуваффақият дифоъ менамояд.

Соли 1998 директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мегардад. Солҳои 2001-2004 ба ҳайси котиби илми бахши фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва захираҳои иттилоотии Донишкадаи давлатии маданияти Маскав, 2004-2005 профессори кафедраи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии Донишкадаи

иқтисоди Шарқ, илмҳои гуманитарӣ, идора ва ҳуқуқи шаҳри Уфа, 2005-2010 ва 2015-2019 сардори шуъбаи байналмилалии Академияи давлатии фарҳанг ва санъати Челябински Федератсияи Россия кор кардааст.

Ҳамчун сардори шуъбаи байналмилалӣ дар таҳия ва ба тасвиб расонидани созишномаҳои дуҷониба бо донишгоҳҳо ва созмонҳои хориҷӣ (Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Украина, Белорусия, Қазоқистон, Олмон, Финландия, Фаронса, Чехия ва ғайра) фаъолона ширкат варзидааст. Зери роҳбарии ӯ маводи Конфронси байналмилалии ғоибонаи илмӣ-назариявии «Фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ: муносибати навгароӣ ба рушд» (2009), маҷмӯаи байналмилалии мақолаҳои илмии «Фарҳанг ва ҳунар аз нигоҳи олимони ҷавон» (2010), маводи Конфронси байналмилалии ғоибонаи илмӣ-амалии «Фарҳанг ва коммуникатсия» (2010) таҳияву нашр шудаанд. Ӯ ташаббускор ва тартибдиҳандаи маҷмӯаи маводҳои Конфронси V байналмилалии илмии Россия-Ӯзбекистон: Технологияҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ: тамоюлҳои рушд (июни соли 2019, декабри соли 2020) мебошад. Таҳти роҳбарии бевоситаи Бозор Сафаралиев аввалин донишҷӯёни хориҷӣ ба Академияи давлатии фарҳанг ва санъати Челябинск қабул карда шуданд. Аз соли 2005 ҳамчун профессори кафедраи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, роҷеъ ба омӯзиши масъалаҳои таърихи фарҳанги маънавии ҷаҳонӣ, равишҳои инноватсионӣ дар тарҳрезии фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи илму маориф ва фарҳангу ҳунар таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Соли 2008 бо ташаббуси ӯ Фестивали байналмилалии "Наврӯз" дар Академияи давлатии фарҳанг ва санъати Челябинск бо иштироки марказҳои миллии фарҳангии минтақа гузаронида шуд.

Бозор Сафаралиев муаллифи 9 монография, 3 китоби дарсӣ, беш аз 120 мақолаи илмӣ ва 25 нашрияи таълимӣ мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ 3 рисолаи номзадӣ дифоъ карда шудааст. Ӯ ба ҳайси раиси Комиссияи давлатии аттестатсионии донишҷӯёни рӯзона ва ғоибона, оппоненти расмии корҳои диссертатсионӣ дар муассисаҳои олии Федератсияи Россия ва кишварҳои ИДМ фаъолона иштирок менамояд. Узви шӯроҳои диссертатсионии докторӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – назария, услуб ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар назди Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Қазон ва Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода мебошад. Ӯ аз моҳи июни соли 2012 ҳамчун узви вобаста ва аз 22 майи соли 2020 узви пайваста – академики Академияи табиатшиносии Россия интихоб гардидааст.

Бозор Сафаралиев барои нишон додани ташаббус дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омӯзгорӣ бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1999), ордени LABORE ET SCIENTIA (Трудом и знанием) ва ифтихорномаву сипосномаҳои вазорату идораҳо ва мактабҳои олии Федератсияи Россия мукофотонида шудааст. Ҳамзамон Ассотсиатсияи байналмилалии олимон, омӯзгорон ва мутахассисон аз 15 июли соли 2020, №02061 ӯро бо унвони фахрии «Корманди шоистаи илм ва маориф» сарфароз гардонидааст.

**Намунаи осор**

Истоки просвещения. К истории таджикского народа [Текст]: монография. – М.: МГИК, 1997. – Ч.1. – 238 с.

Истоки просвещения. К истории таджикского народа [Текст]: монография. – М.: МГИК, 1996. – Ч.2. – 171 с.

Из истории духовной культуры таджикского народа [Текст]: монография. – Челябинск: ЧГАКИ, 2011. – 251 с.

Развитие информационной компетенции в условиях дополнительного образования [Текст]: монография. – Челябинск, 2015. – 138 с.

Социально-культурная деятельность в Таджикистане (1917-1941гг.) [Текст]: монография. – Душанбе: Аржанг, 2016. – 224 с.

Связи с общественностью в социально-культурной деятельности [Текст]: учебн. пособие. Часть 1. – Челябинск: ЧГИК, 2016. – 110 с.

Технологические основы социально-культурной деятельности [Текст]: слов.-справ. для студентов, обучающихся по направлению 51.03.03 Социально-культурная деятельность / сост. Б. С. Сафаралиев, М. Б. Юлдашева. – Челябинск: ЧГИК, 2018. – 159 с.

Самообразование и самореализация личности при формировании информационной компетентности в социально-культурной деятельности [Текст] // Теория и практика профессионального самопроектирования и самореализации студентов в социально-культурной среде вуза: коллектив. моногр. – Челябинск: ЧГИК, 2018. – С.149-174.

Социально-культурное пространство дополнительного образования [Текст]: монография / ТГИКиИ им.М.Турсунзаде; ЧГИК. – Душанбе-Челябинск, 2018. – 154 с.

Бренд в учреждениях культуры [Текст]: монография. – Душанбе-Челябинск, 2019. – 90 с.

Социально-культурное проектирование [Текст]: учебн. пособие для студентов, обучающихся по направлению подготовки 51.03.03 Социально-культурная деятельность / сост. Б. С. Сафаралиев, М. Б. Юлдашева. – Челябинск: ЧГИК, 2020. – 95 с.

Ремесленные цеха в структуре социо-культурной жизни таджиков [Текст] // Вестник Казанского государственного университета культуры и искусств. – 2011. – №1. – С.76-84.

Из истории развития агитационно-художественных бригад в Таджикистане в 20-е годы XX в. [Текст] // Вестник Тадж. нац. университета. – 2015. – №3/6 (176). – С.3-6.

Влияние российской культуры в развитии духовности населения Средней Азии: вторая половина XIX-начало XX вв. [Текст] // Вестник Тадж. нац. университета. – 2016. – №3/1 (194). – С.14-21.

Из истории просветительской деятельности клубных кружков в Таджикистане [Текст] // Вестник Тадж. нац. университета. – 2018. – №2. – С. 198-203.

Из истории музейно - выставочного дело в Таджикистане [Текст] // Вестник Казанского гос. института культуры. – 2018. – № 3 – С.40-46.

Из истории распространения книжной культуры в Таджикистане: вторая половина XIX начало - XX вв. [Текст] // Вестник Казанского гос. института культуры. – 2019. – № 4. – С. 49-55.

## РАҲМАТХОҶА МУҲАММАДХОҶАЕВ
### (Ба муносибати 80-солагии зодрӯзаш)

Раҳматхоҷа Муҳаммадхоҷаев 27 феврали соли 1941 дар деҳаи Рузваи н. Дарвоз таваллуд ёфтааст. Пас аз таҳсил дар мактаби миёнаи деҳа ба ноҳияи Ленин (ҳозира Рӯдакӣ) омада, дар шуъбаи китобдории Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии маданию маърифатӣ (1961-1964) таълим гирифтааст ва сипас дар факултаи китобдории Донишкадаи давлатии маданияти ш. Москва (1965-1970) таҳсилро идома медиҳад. Пас аз таҳсил дар Донишкада ба шаҳри Душанбе баргашта дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ солҳои 1970-1973 дар вазифаҳои методист, сармуҳаррири шуъбаи илмию методӣ кор мекунад. Дар давраи фаъолияти кориаш ӯ дониши назариявии худро сайқал дода, якчанд дастурҳои методӣ, тавсияҳо таҳия ва таҳрир мекунад ва ба китобхонаҳои шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳо ташриф оварда, ба китобдорон оид ба масоили китобдорӣ кӯмаки амалию методӣ мерасонад, дар семинару ҷамъомадҳои китобдорон ширкат варзида бо гузоришҳои пурмазмун баромад мекунад.

Солҳои 1973-1975 дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ҳамчун омӯзгор ва роҳбари таҷрибаомӯзии донишҷӯён адои хизмат мекунад ва чанд муддат дар Омӯзишгоҳи

ҷумҳуриявии маданию маърифатии н. Ленин (ноҳияи Рӯдакӣ) (1975-1978) ба донишҷӯёни шуъбаи китобдорӣ дарс медиҳад.

Солҳои 1978-2000 ӯ сарварии маҷмӯаи китобхонаҳои мутамарказонидашудаи ноҳияи Файзобод-ро ба уҳда дошт ва барои рушду фаъолияти китобдорию хизматрасонии китобӣ ба аҳолии ноҳия, тарбияи кадрҳои соҳа, фароҳамоварии фондҳои китобии китобхонаҳо ва ғайра саҳми муносиб гузоштааст.

Раҳматхоҷа Муҳаммадхоҷаев солҳои 2001-2003 дар китобхонаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар вазифаи муовини директори китобхона кор кардааст.

**Намунаи осор**

Ба пешвози 50-солагии Иттифоқи Республикаҳои Советии Сотсиалистӣ [Матн]: ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / тартибдиҳанда Р. Хоҷаев; муҳаррир Н. Давлатов. – Душанбе, 1972. – 7 с.

Ба пешвози 50-солагии ташкилоти пионерӣ [Матн]: ба ёрии китобхонаҳои бачагона / тартибдиҳанда Н. Давлатов; муҳаррир Р. Хоҷаев. – Душанбе, 1972. – 6 с.

Кори китобхонаҳо дар мавсими истироҳати тобистонаи бачагон [Матн]: ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / тартибдиҳанда Н. Давлатов; муҳаррир Р. Хоҷаев. – Душанбе, 1972. – 5 с.

Қарори Комитети Марказии КПСС «Дар бори минбаъд беҳтар намудани ташкили мусобиқаи сотсиалистӣ» [Матн] / тартибдиҳанда Р. Хоҷаев; муҳаррир С. Одинаев. – Душанбе, 1972. – 8 с.

Қарорҳои съезди XXIV КПСС ва съезди XVII ПК Тоҷикистон – дар амал [Матн]: материалҳои методӣ ва библиографӣ / тартибдиҳандагон: С. Ҳ. Раҳматуллоева, Р. О. Тальман; муҳаррирон: И. С. Норкаллаев, С. Одинаев, Р. Хоҷаев. – Душанбе, 1971. – 54 с.

## СУЛТОН ОДИНАЕВ
### (Ба ифтихори 85-солагии зодрӯзаш)

Султон Одинаев соли 1936 таваллуд ёфтааст. Соли 1966 Донишкадаи омӯзгории ба номи Низоми Ганҷавии шаҳри Тошкандро хатм карда, дар Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) фаъолиятащро оғоз намуд ва ба сифати китобдор, мудири шуъбаи илмӣ-методӣ, китобдори калон бист сол заҳмат кашидааст.

Султон Одинаев бештар ба масъалаи марказонидани системаи китобхонаҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, перомуни ин масъала як қатор дастуру тавсияномаҳо, аз қабили «Системаи марказонидашудаи китобхонаҳои Тоҷикистон (1978-1979), (1980-1982)», «Ташкили корҳои методӣ дар системаи марказонидашудаи китобхонаҳои Тоҷикистон» ва ғайра навиштааст. Китобчаю дастурҳои «Китобхонаи ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат)», «Планҳои таълимии факултаи китобхонашиносию библиографияи университетҳои халқии маданият», «Плани кории солонаи китобхонаи деҳшӯрои Чортеппаи ноҳияи Ленин (ҳоло ноҳияи Рӯдакӣ)» ва ғайра низ ба нашр расонидааст. Мактубҳои методиро доир ба ҳаёти устодон Садриддин Айнӣ ва Ҷалол Икромӣ, инчунин дар ҳаммуаллифӣ китобчаи «Офаридгори симоҳои ҷовид» (роҷеъ ба фаъолияти Ҳабибулло Назаров)-ро таҳия намудааст. Перомуни фаъолияти китобхонаҳо дар шароити бозоргонӣ дастури методӣ низ навиштааст. Саҳмаш дар

таҳияи маводи чопии китобхона ва тарбияи методистону китобдорони ҷумҳурӣ низ калон аст.

**Намунаи осор**

Китобхона ба аҳолии деҳот [Матн] / КДР ба номи А.Фирдавсӣ. – Душанбе, 1973. – 22 с. – Бо ҳамкории Н. Давлатов.

Садриддин Айнӣ (1878 – 1978) [Матн]: мактуби методӣ-библиографӣ ба пешвози 100-солагии рӯзи таваллудаш / КДР ба номи А.Фирдавсӣ. – Душанбе, 1977. – 14 с.

Библиотеки Орджоникидзеабадского района [Текст]: информационное письмо №3 / Гос. б-ка Тадж. ССР им А.Фирдоуси. – Душанбе, 1980. – 14 с.

Централизованные библиотечные системы Таджикистана в 1980 г. [Текст]: статистический анализ / Гос. б-ка Тадж. ССР им. А.Фирдоуси. – Душанбе, 1981. – 52 с. – Совместно с С. М. Каримовым.

## ҶӮРАБЕК НАБИЕВ
**(Ба ифтихори 80-солагии зодрӯзаш)**

Мутриби хушовоз ва беҳамто, Артисти халқии Тоҷикистон Ҷӯрабек Набиев 10-уми феврали соли 1941 дар деҳаи Ғӯлакандози ноҳияи Пролетар (ҳоло Ҷаббор Расулов)-и вилояти Суғд ба дунё омадааст. Хатмкунандаи Институти давлатии педагогии шаҳри Ленинобод (ҳозира Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров) мебошад.

Ӯ ҳунари мусиқиро дар давраи хурдсолӣ ба тариқи худомӯзӣ аз бар намудааст ва баъдан фаъолияти

ҳунариашро дар дастаи ҳаваскорони мактаби миёна ва маҳфилҳои ҳаваскорони ҳунарии донишкада сайқал додааст. Пас аз хатми донишкада (1963) ҳамчун ҳофизи Театри ҷумҳуриявии мазҳакавӣ-мусиқии ба номи А. Пушкин (ҳоло Театри ҷумҳуриявии мазҳакавӣ-мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ) кору фаъолият мекунад.

Мутриби хушсалиқа услуби хоси сароядагии худро дорад ва овозаш хеле ширадор буда, сурудҳои одӣ ва мураккабро бо маҳорати баланд (тенори лирикӣ) месарояд. Ӯ бештар ба сароидани сурудҳо ба матнҳои классикӣ мароқ дорад. Дар иҷрои ӯ мақомҳои «Сарахбори Оромиҷон» (Ҳофиз), «Ушшоқи Самарқанд» (Зебуннисо), «Соқиномаи Ироқ» (Амирӣ), «Ироқи Тошканд» (Мискин), «Ушшоқи Содирхон» (Ҷомӣ), «Қашқарчаи Ушшоқи Содирхон» (Ҳилолӣ) ва ғайра хеле боназокату дилрабо садо додаанд ва онҳо то кунун ба дилҳо фараҳ мебахшанд.

Дар репертуари ин мутриби хушсалиқа беш аз 150 сурудҳо ворид шудаанд ва бештари онҳо мавзӯъҳои Ватан, Модар, диёри маҳбубро тараннум менамоянд.

Ҷӯрабек Набиев ба бисёр мамолики хориҷ, ба монанди Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон, Яман ва ғайра сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, ҳунари мардуми тоҷикро муаррифӣ намудааст.

**Адабиёт**

Абдураҳмонов, В. Ҷӯрабек Набиев [Матн] // Абдураҳмонов В. «Суруди ман туӣ модар». (Ҷӯрабек Набиев): ҳаёт ва фаъолият. – Хуҷанд, 2005. – С. 4-19. – Бо аксҳои хешу ақрабо, ҳамкасбону дӯстон. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ.

Бобоҷонов, А. Таронаи зиндагӣ [Матн]: Артисти халқии Тоҷикистон Ҷӯрабек Набиев // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 12 июн.

Бурҳонов, С. Булбули Хуҷанд [Матн]: Ҷӯрабек Набиев // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1989. – 30 июн.

Дар бораи ба Набиев – солисти Театри республикавии мазҳакаи мусиқии ба номи Пушкини ш. Ленинобод додани унвони фахрии Артисти халқии РСС Тоҷикистон [Матн]: Укази Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон // Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – 1980. – №19. – С. 7.

Раҳимов, И. Набиев Ҷӯрабек [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ. 2. – С. 401.

Раҳимҷонов, Х. Шашмақом гувоҳи безаволии миллати мост [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2015. – 18 март.

Рустамов, Ғ. Шаби эҷодии Ҷӯрабек Набиев [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1980. – 15 январ.

Тошматов, А. Камолоти хунёгар [Матн]: Ҷӯрабек Набиев чоряк аср дар хизмати халқ // Ҳақиқати Ленинобод. – 1989. – 8 апрел.

Шарифов, А. Сурудҳои Ҷӯрабек Набиев [Матн] // Ҳақиқати Ленинобод. – 1971. – 3 феврал.

## РУСТАМ МУҚИМОВ
## (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Меъмор, доктори илми меъморӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Рустам Муқимов 18 феврали соли 1946 дар шаҳри Каттақурғони Ӯзбекистон по ба арсаи гетӣ ниҳодааст. Шуъбаи меъмории Институти политехникии Тоҷикистонро (ҳоло ДТТ ба номи М.Осимӣ) (1969) хатм карда, дар ҳамин ҷо ба сифати ассистент, муаллими калон, дотсент, аз соли 1981 мудири кафедраи графикаи меъморӣ ва лоиҳакашӣ хидмат намудааст. Ҳамзамон дар шуъбаи санъату меъмории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИ Тоҷикистон машғули корҳои таҳқиқотӣ аст. Профессор Рустам Муқимов бешак аз пуркортарин пажӯҳишгарони санъати меъмории тоҷик ба шумор меравад, ба амиқии таҳқиқоташ асару мақолаҳои сершумораш шоҳиданд. Завқи комил, дониши васеъ, борикбинию жанрҳои хирад вайро дар арсаи умуман илми тоҷик мақоми хос додаанд. Ҳанӯз соли 1982 бо ибтикори ӯ дар назди кафедраи меъморӣ бюрои конструкториию лоиҳакашии донишҷӯён таъсис ёфта, дар он лоиҳаи маҷмааҳои санаторӣ ва ободонии шаҳрҳои Тоҷикистон кашида мешаванд. Номрафта ба омӯзиши ёдгориҳои меъмории асрҳои миёна ва баъдинаи халқи тоҷик, унсурҳои меъмории шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ, объектҳои меъмории халқӣ ва ғайра шуғл варзида, зиёда аз сесад таълифот аз даст баровардааст. Бо медали «Хидмати шоиста» қадр карда шудааст.

### Намунаи осор

Луғати русӣ-тоҷикии тафсирии мухтасар аз меъморию бинокорӣ [Матн]: маводи таълимӣ. – Душанбе, 2007. – 90 с.

Архитектурное наследие Худжанда [Текст]. – Душанбе, 1993. – 251 с.

Архитектурно-художественное наследие Центральной Азии [Текст]: избранные труды, монография. – Душанбе, 2006. – 320 с.

Зодчество Таджикистана: История архитектуры и строительного дела Таджикистана [Текст]: учебное пособие для архитектурно-строительных специальностей вузов республики. – Душанбе: Маориф, 1990. – 175 с.

Инженерное искусство Таджикистана [Текст]. – Душанбе, 1996. – 121 с.

Искусство зодчих Верхнего Зеравшана [Текст]: монография. – Душанбе, 2010. – 127 с.

Истоки зодческого искусства Ариев Центральной Азии [Текст]: монография. – Душанбе, 2005. – 60 с.

История и теория таджикского градостроительства [Текст]: монография. – Душанбе, 2009. – 147 с.

История и теория таджикского зодчества [Текст]: монография. – Душанбе, 2002. – 117 с.

Краткая энциклопедия архитектуры [Текст]. – Душанбе, 1993. – 200 с.

Культурология [Текст]. – Душанбе, 1998. – 99 с.

Методика научных исследований [Текст]: методическое пособие для студентов и аспирантов. – Душанбе, 2006. – 80 с. (В соавторстве).

Очерки истории и культуры Душанбе [Текст]: монография. – Душанбе, 2008. – 237 с.

Энциклопедия памятников арийской культуры Центральной Азии [Текст]: Таджикистан. – Душанбе, 2012. – Том 1. – 657 с.

Энциклопедия памятников арийской культуры Центральной Азии [Текст]: Таджикистан. – Душанбе, 2012. – Том 2. – 636 с.

**Адабиёт**

Муқимов Рустам Саматович [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 1. – С. 217.

Мукимов Рустам Саматович [Текст]: библиографический справочник. – Душанбе, 1996. – 63 с.

Мукимов Рустам Саматович [Текст]: библиографический справочник. – Душанбе, 2006. – 97 с.

Муксинов, Р., Смирнов, Ю. Арии возвращены на Родину [Текст] // Народная газета. – 2014. – 16 апреля.

Юсуфджанов, С. Вчера – в сегодня [Текст] // Народная газета. – 2014. – 9 апреля.

## УБАЙДУЛЛО РАҶАБОВ
## (Ба ифтихори 80-солагии зодрӯзаш)

Убайдулло Раҷабов, актёр ва коргардони бомаҳорат, Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон (1988), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1994), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ (1998) 1 марти соли 1941 дар деҳаи Давлатшоҳиёни ноҳияи Совет (ҳоло Темурмалик)-и вилояти ҳозираи Хатлон чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст.

Ӯ хатмкардаи Студияи маҳорати актёрии назди Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ (1964) ва шуъбаи режиссёрӣ (коргардонӣ)-и Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода (1982, ғоибона) мебошад. Ба ҳайси актёр дар Театри драмаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ва Театри давлатии академ-драмавии ба номи Лоҳутӣ фаъолият карда, нақшу симоҳои хеле зиёду ҷолиб, ба монанди Хуршед аз «Орзу»-и М. Назаров, Абдулло аз «Оинаи махмалпеч»-и Ф. Ансорӣ, Шамсимуаллим аз «Лаҳзаи ҷовид»-и Ҷ. Икромӣ, Шараф аз «Задухӯрд дар биёбон»-и М. Миршакар, Каримҷон аз «Ҷон модаракон»-и А. Қаҳҳор, Ашраф аз «Шамъи маърифат»-и Ғ. Абдуллоро офаридааст. Вай ҳамчун актёри ширинкор дар иҷрои симоҳои фоҷиавии замона, ба монанди Ҳалимбой аз «Гилеми кабуд»-и Т. Аҳмадхонов, Тормоз аз «Дар чорсӯ»-и Н. Табаров, Эшон аз «Вопасин арӯси амиралмӯъминин»-и Ф. Муҳаммадиев, Досалӣ аз «Ҳақиқати талх»-и С. Сафаров ва ғайра саҳм гирифтааст. Дар бисёр намоишномаҳои телевизионии тоҷик, аз қабили «Телефон», «Алла», «Алибобо ва чил роҳзан», «Духтур», «Себфурӯш», «Диссертатсия», «Қотил», «Фалокат», ширкат варзидааст. Убайдулло Раҷабов дар филмҳои бадеии «Салом, Гулнора Раҳимовна», «Ҳодисае дар фурӯдгоҳ», «Номзад» ва дигар бо образҳои назарраси худ маҳбубият пайдо кардааст. Ӯ дар

ҷашнҳои бошукӯҳи кишвар ба ҳайси коргардон низ ширкат варзидааст. Маҳз соли 1988 бо кӯшиши ӯ Театри миниатюраи «Оина» таъсис дода мешавад ва роҳбариашро ба уҳда мегирад. Чанд муддате мавсуф раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Ҳунарманди бомаҳорат Убайдулло Раҷабов бо Грамотаи Фахрии Шӯрои Олии Тоҷикистон, орденҳои «Дӯстӣ» ва «Ситораи Президент» (дараҷаи III) мукофотонида шудааст.

**Адабиёт**


Азиз, А. «Ойина»-и Убайдулло [Матн]: ангораҳои бадеӣ, илмӣ ва фалсафии таълимиву омӯзишӣ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 38 с.

Гаҷиева, А. Қисмати санъаткор [Матн]: Убайдулло Раҷабов // Агитатори Тоҷикистон. – 1989. – №22. – С. 30-31.

Исмоилов, Ҷ. Аз саҳнаҳои ҳаҷвӣ то саҳнаи филмҳои ҳунарӣ [Матн]: аз сифатҳои зоҳирӣ ва эҷодиёти актёри беҳамто, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Убайдулло Раҷабов // Баҳори Аҷам. – 2019. – 25 июн.

Мавлон, Х. «Дар паси ойина» [Матн]: Убайдулло Раҷабов // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2003. – 4 март; 2, 11, 18, 25 апрел.

Муҳаммадиев, Ф. Ҳунарманд: Артисти Театри ба номи Лоҳутӣ Убайдулло Раҷабов [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 1 январ.

Низомов, А. «Оинае дар даст, оинае дар дил» [Матн]: андешаҳо нисбати Убайдулло Раҷабов // Ҷумҳурият. – 2003. – 18 март.

Остонов, Р. Раҷабов Убайдулло [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2004. – Ҷ.3. – С. 49-50.

Раҳим, А. «Дар паси ойина» [Матн]: дар бораи Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Убайдулло Раҷабов // Ҷумҳурият. – 2003. – 3 июн.

## НУРИНИССО БОБОҶОНОВА
### (Ба муносибати 90-солагии зодрӯзаш)

Нуриниссо Ҳомидҷоновна Furthermore Бобоҷонова 9 марти соли 1931 дар шаҳри Ленинобод (ҳоло н. Б. Ғафуров) дар оилаи омӯзгор таваллуд ёфтааст.

Ӯ пас аз хатми мактаби миёна (с. 1948) ба Омӯзишгоҳи занонаи омӯзгории ш. Сталинобод дохил мешавад ва онро соли 1952 бо баҳои аъло хатм мекунад. Солҳои 1952-1954 ба ҳайси инструктори КМ ЛКСМ Тоҷикистон кору фаъолият мекунад ва баъдан солҳои 1954-1959 таҳсилро дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин идома медиҳад.

Бобоҷонова Н. Ҳ. пас аз хатми Донишгоҳи олӣ (1959) фаъолияти меҳнатиашро дар даргоҳи муқаддаси илму фарҳанги халқи тоҷик – Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллӣ) идома мебахшад. Дар ин даргоҳ ӯ дар байни коллективи сершумор (қариб 400 нафара) софдилона меҳнат мекунад ва сазовори обрӯю эҳтироми ҳамкасбонаш мегардад. Дар навбати худ роҳбарияти Китобхона хислатҳои кордонӣ ва ташкилотчигии ӯро ба

инобат гирифта, вайро ба вазифаи масъул – мудири шуъбаи коркарди адабиёт ва феҳристнигорӣ таъйин мекунад. Дар давраи мудирии ӯ сатҳи хизматрасонӣ ба муштариён, зиёдшавии теъдоди онҳо ва миқдору сифати чорабиниҳои оммавӣ дар байни хонандагон зиёду баланд мегардад.

Ӯ аз соли 1967 то ба нафақа баромаданаш (1987) вазифаи директори Китобхонаро ба уҳда дошт. Дар давраи сарварии ӯ фаъолияти ин даргоҳ равнақ ёфт, сохторҳои нави корӣ (шуъбаҳои библиографияи миллӣ, нигоҳдории китобҳои депозитарӣ, ахборот оид ба маданият ва санъат, фонди мубодилавӣ, илмию тадқиқотӣ ва ғ.) тавлид ёфтанд ва сохтмони бинои иловагии китобхона (барои 2,7 млн. адад ҷои китобнигоҳдорӣ) ба истифода дода шуд, нуфузи Китобхона дар байни китобхонаҳои ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ ва мамолики хориҷи дуру наздик баланд гардид.

Бобоҷонова Н. Ҳ. барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва фаъолияти кории Китобхона дар бисёр чорабиниҳои байналмилалӣ ширкат варзида, таҷрибаи пешқадами онҳоро сармашқи кори худ гардонидааст.

Дар давраи роҳбарии ӯ корҳои илмию методӣ ва таҳқиқотии Китобхона ба зинаҳои баланд бароварда шуд ва теъдоди маҳсулоти чопии Китобхона низ хеле афзуд.

Зери роҳбарии бевоситаи ӯ дар ҷумҳурӣ (солҳои 1970-1980) мутамарказонидани маҷмӯи китобхонаҳои кишвар ба амал бароварда шуданд ва теъдоди сафарҳои кормандони китобхона ба гӯшаю канори ҷумҳурӣ бо мақсади расонидани ёрии амалию методӣ ба китобдорони деҳот, омӯхтани таҷрибаи пешқадами онҳо зиёд гардид.

Дар китоби қайди хотироти меҳмонони Китобхона гуфтаҳою суханони нек нисбати кори хуби коллективӣ кормандони ин қасри дониш, ки Н. Ҳ. Бобоҷонова сарвариашро ба уҳда дошт, оварда шудаанд.

Навиштаҳои боло гувоҳи онанд, ки дар замони роҳбарии зани асил ва меҳрубон, кордону ботаҷриба Нуриниссо Furthermore Бобоҷонова хизматрасонии фарҳангӣ ба хонандагони Китобхона ва қонеъ намудани талаботи онҳо ба иттилооти зарурӣ хеле хуб ба роҳ монда шуда буданд.

Барои хизматҳои шоёнаш ӯ бо қарори Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон аз 29 июли с. 1975 бо Грамотаи фахрӣ ва аз 1 апрели с.1981 бо унвони «Корманди хизматнишондодаи маданияти РСС Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.

**Намунаи осор**

Зеҳнӣ, Т.Н. Библиография [Матн] / тартибдиҳандагон: Н. Кароматуллоева, Ф. Зеҳнӣ; муҳаррир Н. Бобоҷонова; КДР ба номи Фирдавсӣ. – Душанбе, 1976. – С. 69.

Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ [Матн]: ба муносибати 50-солагии кушода шуданаш // Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон барои соли 1983. – Душанбе, 1983. – С. 13-18. – Бо ҳамкории Л. Г. Козирева.

Махзани дониш: КДР ба номи А. Фирдавсӣ [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1974. – 26 октябр.

Махзани маърифат: КДР ба номи А. Фирдавсӣ [Матн] // Маориф ва маданият. – 1979. – 13 декабр.

**Адабиёт**

Бобоҷонова Нуриниссо: маълумоти мухтасар [Матн] // Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд /

Ассотсиатсияи занҳои маълумоти олидори Тоҷикистон. – Нашри 2-юм, бо иловаҳо ва таҷдиди назар. – Душанбе, 2005. – С. 101.

Дар Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон [Матн]: Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон бо қарори худ ба директори Китобхонаи республикавии ба А. Фирдавсӣ Бобоҷонова Нуриниссо номи фахрии «Коркуни Хизматнишондодаи Маданияти РСС Тоҷикистон» дод // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 3 апрел.

Сулаймонов, С.И., Раҷабов, Ҷ. Ҷорчиёни фаъоли маърифат [Матн] // Китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ – 50 сола: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С. 103.

Шарифов, А., Саидов, Ф., Акобирова, М. Хазинадори ганҷинаи маърифат [Матн]: оид ба фаъолияти Н. Бобоҷонова // Садои мардум. – 2001. – 10 март.

Юнусов, А., Аҳмадов, Б. Нусхаҳои камёфти осори Саъдӣ [Матн]: оид ба ҳифз ин осор дар Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ // Ҷумҳурият. – 2001. – 29 сентябр.

## САФАР СУЛАЙМОНӢ
### (Ба ифтихори 70-солагии зодрӯзаш)

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи байналмилалии иттилоотсозии Созмони Милали Муттаҳид, китобшинос ва фарҳангшиноси варзида Сафар Сулаймонӣ 10 марти соли 1951 дар ноҳияи Сухи вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст.

Ӯ дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Конибодом (солҳои 1968-1972), факултаи китобдории Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода (солҳои 1972-1976), факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 1992-1997) ва Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абӯҳанифа (солҳои 2010-2015) таҳсил кардааст.

Сафар Сулаймонӣ дар рушду нумӯи илмҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва фарҳангшиносии тоҷик саҳми муносиб гузоштааст. Бо қалами ӯ беш аз 650 китобу рисола ва мақолаҳои пурарзиш тааллуқ доранд. Китобҳои таълифнамудаи Сафар Сулаймонӣ «Аз таърихи китобдории тоҷик», «Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ», «Китобхонашиносии умумӣ», «Китобхонашиносӣ», «Таърих, тамоюл ва рушди китобдорӣ дар Тоҷикистон», «Менеҷменти фаъолияти китобдорӣ ва иттилоотрасонӣ», «Китобхонаҳои электронӣ», «Фарҳанги китобдорӣ», «Фарҳангшиносӣ», «Педагогикаи фарҳанг», «Педагогикаи фароғат», «Тамаддун» (дар 4 китоб бо ҳаммуаллифии Т. Атахонов) ва дигар асарҳои ӯ қимати баланди илмиву услубӣ дошта, аз ҷониби донишҷӯёну омӯзгорон ва муҳаққиқону мутахассисони соҳа мавриди истифода қарор мегиранд.

Сафар Сулаймонӣ соли 1984 доир ба мавзӯъи «Хадамоти китобдорӣ ба аҳолии ноҳияҳои баландкӯҳи Иттиҳоди Шӯравӣ: масоили созмондиҳӣ дар мисоли ҶШС Тоҷикистон» рисолаи номзадӣ дифоъ кард ва тавассути ин таҳқиқот олим тавонист, ки ба бештари масоили назарӣ ва амалии илми китобдории тоҷик равшанӣ андозад.

Солҳои 1986-1995 давраи пурбортарини фаъолияти илмию пажӯҳишии Сафар Сулаймонӣ мебошад. Дар ин солҳо таваҷҷуҳи ӯро бештар омӯзишу таҳқиқи масоили китобдории ҷаҳони сеюми кишварҳои Шарқ ба худ ҷалб кард ва ҷойгоҳи муҳимро дар пажӯҳишҳои ӯ масоили

назарӣ ва амалии китобдории Афғонистон ва Эрон ишғол намуд. Соли 1987 аввалин монографияи ӯ «Умури китобдорӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон» ба табъ расид. Соли 1989 монографияи дигари Сафар Сулаймонӣ зери унвони «Китобдории ҷаҳони савуми Шарқ» ба табъ расид. Рисолаи навбатии ӯ «Дирӯз ва имрӯзи китобдории Эрон» яке аз аввалин таҳқиқи доманадор дар ҷодаи китобдории мамолики хориҷа ҳисоб ёфта, бори нахуст дар он масоили умуминазарӣ ва методологии улуми китобдорӣ дар тамаддуни эронӣ ва Эрони муосир таҳқиқ шудааст. Рисолаи номбурда ва чанде таҳқиқоти дигари олим барои асоснок кардани масоили назариву методологии таърихи китобдории Эрон заминаи устувор гузошта, ба ӯ имконият доданд, ки 12 сентябри соли 1995 дар Шӯрои илмии Академияи давлатии фарҳанги Санкт-Петербурги Федератсияи Россия рисолаи докториро дар мавзӯи: «Дирӯз ва имрӯзи китобдорони Эрон» дифоъ намояд.

Сафар Сулаймонӣ солҳои 1999-2005 ба ҳайси директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ифои вазифа намуда, дар рушди фаъолияти пажӯҳишгоҳ саҳми назаррас гузоштааст. Бо ибтикори ӯ бори нахуст маҷаллаҳои «Анис» ва «Паёмномаи фарҳанг» интишор ёфтанд ва теъдоди зиёди маводи илмиву таълимӣ ба табъ расиданд.

Саҳми Сафар Сулаймонӣ дар тарбияи кадрҳои китобдорӣ, фарҳангшиносӣ ва педагогика низ назаррас мебошад. Гурӯҳе аз шогирдони ӯ рисолаҳои номзадии худро дифоъ карда, соҳиби дараҷа ва унвонҳои илмии номзад, доктори илм, дотсент ва профессор мебошанд.

Сафар Сулаймонӣ 3 июни соли 2019 дар синни 68 солагӣ вафот кардааст.

## Намунаи осор


Аз таърихи китобдории тоҷик (Аз оғоз то ибтидои садаи ХХ) [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1998. – 116 с.

Донишномаи фарҳангшиносии навин [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 566 с.

Китобхонаҳои электронӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 150 с.

Китобхонашиносии умумӣ [Матн]: Дарснома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ. – Душанбе: Маориф, 1998. – 141 с.

Педагогикаи фароғат [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 218 с.

Педагогикаи фарҳанг [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 693 с.

Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ [Матн]: дарснома барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ. – Душанбе: Амри илм, 1997. – 188 с.

Тамаддун [Матн]: Дар 4 китоб. – Душанбе: Ирфон, 2003-2007. – Бо ҳамкории Т. Атахонов.
Кит. 1. Тамаддуни бостон, 2003. – 324 с.
Кит. 2 (1). Тамаддуни асрҳои миёна, 2005. – 424 с.
Кит. 2 (2). Тамаддуни Шарқ, 2007. – 452 с.
Кит. 3. Тамаддуни давраи нав, 2009. – 423 с.

Фарҳанги китобдорӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 140 с.

Фарҳангшиносӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 225 с.

**ххх**

Библиотечное дело в Демократической Республике Афганистан [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 44 с.

Библиотечное дело в Иране [Текст]: История и современное состояние. – Душанбе: Дониш, 1994. – 309 с.

Библитотечное дело в развивающихся странах Востока [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1989. – 95 с.

**Адабиёт**

Дар оғӯши китобҳо [Матн]: маҷмӯаи мақолот ва китобномаи Сафар Сулаймонӣ / мураттиб Б.Холов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 174 с.

Китобшиносии осори Сафар Сулаймонӣ [Матн] / мураттибон: Ҷ. Раҷабов, С. Камолзода. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 208 с.

Комилзода, Ш. Талафоти фарҳангшиносии тоҷик [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2019. – 7 июн.

Раҷабов, М. Фарҳангпажӯҳишӣ дар паҳнои ибтикорофаринӣ [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2014. – 10 июн.

Сафар Сулаймонӣ [Матн]: китобномаи шарҳиҳолӣ / муаллифи мақолаи муқаддимавӣ ва мураттиб Ш.Тошев. – Душанбе: Амри илм, 1996. – 55 с.

Сафар Сулаймонӣ (Сулаймонов Сафар) [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2004. – Ҷ.3. – С.110.

## САИДАЛӢ МУҲИДДИНОВ
## (Ба ифтихори 65- солагии зодрӯзаш)

Доктори илмҳои таърих, профессор, китобшинос, таърихнигор, санъатшинос, узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, адиб Саидалӣ Муҳиддинов 15 марти соли 1956 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Соли 1977 факултаи китобдории Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода (минбаъд ДДСТ ба номи М. Турсунзода, ҳоло Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода)-ро хатм намуда, фаъолияти меҳнатиашро дар китобхонаи ҳамин донишкада ба ҳайси мудири китобхона оғоз намудааст. Солҳои 1977-1979 хизмати ҳарбиро дар Ҷумҳурии Демократии Олмон ба анҷом мерасонад. Солҳои 1979-1988 ба ҳайси муҳаррири калон, мудири бахш ва мудири шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) адои вазифа намудааст. Ҳамзамон солҳои 1984-1985 ҳамчун тарҷумон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон кор кардааст. Солҳои 1988-1990 дар кафедраи библиографишиносии ДДСТ ба номи М. Турсунзода аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷуён дарс медиҳад. Солҳои 1990-1993 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишкадаи давлатии фарҳанги Маскав таҳсил намуда, соли 1993 дар мавзӯи «Библиографинамоии минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ: ҷанбаҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва назариявӣ-услубӣ» рисолаи номзадиро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо муваффақият дифоъ менамояд. Солҳои 1993-1998 дар вазифаи декани шуъбаи

ғоибонаи ДДСТ ба номи М. Турсунзода кор карда, солҳои 1998-2003 ба ҳайси директори Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ ифои вазифа намудааст. Соли 2003 дар Шӯрои диссертатсионии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ ҶТ дар мавзӯи «Таърихнигории ҳунари тасвирии халқи тоҷик (замони то инқилобӣ)» рисолаи доктириро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих дифоъ менамояд. Солҳои 2003-2004 дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ба ҳайси мудири шуъба ва ҳамзамон дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва бойгоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст. Солҳои 2004-2005 дар вазифаи сардори раёсати илм, муассисаҳои таълимӣ ва кадрҳои Вазорати фарҳанги ҶТ ва солҳои 2005-2006 мудири кафедраи ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии гуманитарӣ кор кардааст. Солҳои 2006-2009 ҳамчун профессори кафедраи таърихи ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон (минбаъд ДСРТ) ва солҳои 2009-2013 мудири ҳамин кафедраи донишгоҳи мазкур ифои вазифа намудааст. Солҳои 2013-2019 вазифаи декани факултаи таърих ва муносибатҳои байналмилалии ДСРТ-ро ба уҳда дошт.

Ҷанбаҳои фаъолияти илмиву таълимии Саидалӣ Муҳиддинов масъалаҳои мубрами китобхонашиносӣ, библиогрфишиносӣ, манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ ва таърихи фарҳанги бадеии мардуми тоҷикро дар бар мегирад. Ӯ муаллифи 10 монография, 15 китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-услубӣ ва беш аз 350 мақолаҳои илмӣ-назариявӣ, илмӣ-оммавӣ ва публитсистӣ мебошад.

Дар радифи навиштани осори илмиву таълимӣ Саидалӣ Муҳиддинов ҳамчун адиб дар эҷоди асарҳои бадеӣ низ муваффақ шудааст. Бештари осори насриаш ба забони русӣ ба табъ расидаанд ва тавассути шабакаи

байналмилалии Интернет барои истифодаи умум пешниҳод шудаанд.

Таҳти роҳбарии Саидалӣ Муҳиддинов 8 нафар унвонҷӯ рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд. Ӯ узви Шӯрои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИ ҶТ, узви иттифоқи рассомони Тоҷикистон ва иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2015 бо Ордени «Шараф» дараҷаи II мукофотонида шудааст.

**Намунаи осор**

Пайванди таълим бо ҳаёт [Матн]: оид ба аҳамияти омӯзиши библиография // Газетаи муаллимон. – 1983. – 16 август.

Асосҳои библиография [Матн]: барномаи дарсӣ барои донишҷӯёни курсҳои якуми макотиби олӣ / мураттиб С.Муҳиддинов. – Душанбе, 1999. – 15 с.

Консепсияи инкишофи Китобхона миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ то соли 2010 [Матн]. – Душанбе, 2001. – 20 с.

Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон (замони шӯравӣ) [Матн]: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 160 с.

**ххх**

Персидско-таджикская миниатюра и принципы ее библиографирования [Текст] / отв.ред. Л.Додхудоева. – Душанбе, 1999. – 179 с.

Таджикская библиотека в XI-XVI веках [Текст] / ред. Д.Латипов. – Душанбе, 2005. – 47 с.

Историография изобразительного искусства таджикского народа (досоветский период) [Текст]. – Душанбе, 2007. – 309 с.

Архивоведение: учебное пособие для студентов исторических факультетов вузов РТ [Текст]. – Душанбе, 2008. – 88 с.

Русские художники в Таджикистане (вторая половина XIX- 80-х гг. XX века) [Текст]. – Душанбе, 2012. – 217 с.

Афганский дневник или записки одного переводчика [Текст]. – Душанбе, 2016. –168 с.

От Согда до Судака [Текст] / под ред. акад. Р.М.Масова. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 228 с.

Гость вне расписания [Текст]: сборник рассказов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 96 с.

**Адабиёт**

Воҳидов, А. Рангҳои рӯзгор [Матн] // Паёми андоз. – 1999. – 7 сентябр.

Кӯчкарзода, А. Ҷамъомади хотирнишин [Матн] // Ба қуллаҳои дониш. – 2000. – 6 март.

Маҳмадҷонов, Ҳ. Муҳиддинов Сайдалӣ [Матн] // Коршиносони эҷодкори Китобхонаи миллӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – С.55-56.

Ҷалилов, М., Афғонов, Қ. Ҳамкории фарҳангӣ пеш меравад [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2001. – №6.

**ФАЗЛИДДИН ШАҲОБОВ**
**(Ба ифтихори 110-солагии зодрӯзаш)**

Ҳофиз, оҳангсоз ва навозандаи барҷастаи тоҷик (танбӯр), донандаю иҷрокунандаи машҳури «Шашмақом», Ҳофизи халқии Тоҷикистон (1947), Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон (1972), Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ (1972) ва Ҷоизаи ба номи Борбад (1990) Фазлиддин Шаҳобов 21 марти соли 1911 дар шаҳри бостонии Бухоро ба дунё омадааст. Соли 1929 Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Бухороро хатм намуда, солҳои 1936-1941 дар студияи ӯзбекии Консерваторияи давлатии Москва таҳсил кардааст. Фазлиддин Шаҳобов дар вазифаҳои солисти оркестри Театри давлатии мусиқии шаҳри Тошканд (1930-1932), мудири қисми мусиқӣ, дирижёри оркестри давлатии драмаи мусиқӣ ва муаллими Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Бухоро (1933-1936), хормейстри Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба номи Муқимии шаҳри Тошканд ва роҳбари бадеии ансамбли тарона ва рақси Филармонияи давлатии Ӯзбекистон (1941-1946) кор кардааст. Соли 1947 ба шаҳри Сталинобод (ҳозира Душанбе) омад. Солҳои 1947-1970 дар вазифаҳои мудири шуъбаи мусиқии Раёсати радиошунавонӣ, ходими калони илмии Хонаи эҷодиёти халқ ва сармуҳаррири редаксияи мусиқии Кумитаи давлатии Совети Вазирони Тоҷикистон оид ба телевизион ва радиошунавонӣ кору фаъолият

дошт. Ӯ дар навохтани танбӯр ва сурудани таронаҳои «Шашмақом» устоди беназир буд. Мазмуну вазни шеъррo хуб дарк намуда, мусиқии классикии тоҷикро аъло медонист. Фазлиддин Шаҳобов чун оҳангсоз як қатор суруд эҷод намудааст, ки «Ёр дорам», «Афтодааст», «Мафтуни чашм», «Биё нигорам», «Субҳи висол», «Интизорӣ», «Эй суруди ман», «Орзу дорам» ва ғ. мисол шуда метавонанд. Фазлиддин Шаҳобов дар навиштани китобҳои соҳаи мусиқӣ низ саҳм гузоштааст. Яке аз корҳои пурарзиши Ф. Шаҳобов бо ҳамкории Б. Файзуллоев, Ш. Соҳибов гузаронидани мусиқии «Шашмақом» бо матнаш ба нота буд, ки он дар 5 ҷилд солҳои 1950-1967 дар Маскав нашр гардид. Инчунин ӯ яке аз мураттибони маҷмӯаи сеҷилдаи «Сурудҳои халқи тоҷик», дастурҳои таълимии «Дарси суруд ва мусиқӣ» (1958), «Рӯдакӣ ва мусиқӣ» (1958) ва чандин мақолаҳои пурарзиш мебошад. «Шашмақом»-хонони номии ҷумҳурӣ Б. Исҳоқова, Ф. Саъдуллоева, Н. Тоштемиров, М. Муҳиддинов ва чанд тани дигар шогирдони ӯянд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.

Ансамбли давлатии «Шашмақом»-хонони Кумитаи давлатии телевизион ва радиои ҷумҳурӣ ба номи Фазлиддин Шаҳобов гузошта шудааст.

**Намунаи осор**

Ёдбуди пири санъаткор [Матн]: Акашариф Ҷӯраев // Маориф ва маданият. – 1966. – 11 октябр. – Бо ҳамкории М. Раҳимӣ.

Суруд ва мусиқӣ дар мактаби ибтидоӣ [Матн] / тартибдиҳандагон: Ф. Шаҳобов, Ш. Соҳибов, И. Рогальский; Институти тадқиқоти илмии илмҳои педа-

гогӣ. – Сталинобод, 1959. – 246 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.

Сурудҳои халқии тоҷикӣ [Матн]: Иборат аз 3 ҷилд / тартибдиҳандагон: Ш.Соҳибов, И.Рогальский, Ф.Шаҳобов, М.Раҳимӣ. – Душанбе: Ирфон. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.

Ҷ.1. – 1966. – 296 с.

Ҷ.2. – 1970. – 248 с.

Ҷ.3: Сурудҳои Помир. – 1974. – 156 с.

Устоди мусиқии классикӣ – Баҳодур Файзуллоев [Матн] // Тоҷикистон. – 1958. – 15 август.

Шашмақом. Иборат аз 5 ҷилд [Матн] / тартибдиҳандагон: Б.Файзуллоев, Ш.Соҳибов, Ф. Шаҳобов; дар таҳти таҳрири В.М.Беляев; муҳаррири адабӣ А.Мирзоев; рассом Г.Петров. – М., 1950, 1954, 1957, 1959, 1967. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (бо нотаҳо).

Мақоми Бузрук. – 1950. – Ҷ. 1. – 298 с.

Мақоми Рост. – 1954. – Ҷ. 2. – 195 с.

Мақоми Наво. – 1957. – Ҷ. 3. – 208 с.

Мақоми Дугоҳ. – 1959. – Ҷ. 4. – 296 с.

Мақоми сегоҳ. – Мақоми Ироқ. – 1967. – Ҷ. 5. – 275 с.

Шашмақом ва аҳамияти он [Матн]: ба пешвози Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар ш. Маскав // Тоҷикистони советӣ. – 1956. – 7 декабр.

## Адабиёт

Афсаҳзод, А. Мавҷи суруд: «Шашмақом» ва устоди мусиқии тоҷик Фазлиддин Шаҳобов [Матн] // Садои Шарқ. – 1972. – С. 73-94.

Афсаҳзод, А. Олами сафо [Матн]: ҳофиз ва оҳангсоз Фазлиддин Шаҳобов // Садои мардум. – 1991. – 4 октябр.

Муродов, Ҷ. Марди хирадманд [Матн]: оҳангсоз, Артисти халқии Тоҷикистон ва Ҳофизи халқии Тоҷикистон Фазлиддин Шаҳобов // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 3 ноябр.

Обидпур, Ҷ. Шаҳобов Фазлиддин // Обидпур, Ҷ. Луғатномаи тафсирии мусиқӣ [Матн] / зери назари Б. Қобилова. – Душанбе: Аржанг, 2019. – С. 455-456.

Раҳим, А. Садсолаҳо миллат аз ӯ ёд меорад [Матн]: шашмақомсарои шинохта Фазлиддин Шаҳобов // Ҷумҳурият. – 2010. – 18 декабр.

Раҷабов, А. Шаҳобов Фазлиддин [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. – Душанбе, 2004. – Ҷ. 3. – С. 359.

Сайфиддинов, Ш. Устоди «Шашмақом» [Матн]: Фазлиддин Шаҳобов // Машъал. – 1981. – №11. – С. 13.

Султон, С. Ромишгари тавоно [Матн]: Фазлиддин Шаҳобов // Ҷумҳурият. – 2000. – 10 август.

Султон, С. Шаҳобов Фазлиддин [Матн] // Энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 8. – С. 119.

Султонов, Р. Устоди мумтоз [Матн]: Фазлиддин Шаҳобов // Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1968. – 14 май.

Фазлиддин Раҳимович Шаҳобов [Матн]: ба муносибати 60-солагии рӯзи таваллудаш // Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон барои соли 1971 / КДР ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1971. – С. 49-50, 104-195. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ.

Ҳодизода, Р. Аз ёд намеравад... [Матн]: ба ифтихори 80-солагии Фазлиддин Шаҳобов // Садои мардум. – 1991. – 12 декабр; Ҳақиқати Ӯзбекистон. – 1991. – 14 декабр.

Ҳодизода, Р. Мутриби халқ Фазлиддин Шаҳобов [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 6 август.

Шаҳобов, Т. Устоди «Шашмақом» [Матн]: Фазлиддин Шаҳобов // Маориф ва маданият. – 1970. – 24 сентябр.

Фазлиддин Шахобов [Матн] // Композиторы Таджикистана. – Душанбе, 1966. – С. 74-76.

Фазлиддин Шахобов [Матн] // Композиторы Таджикистана: справочник. – Душанбе: Адиб, 1987. – С. 277-280.

## ВАЛИМАД ОДИНАЕВ
## (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Рассом, Арбоби ҳунари Тоҷикистон Валимад Одинаев 10 марти соли 1946 дар деҳаи Амрутихами н. Шӯрообод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) дида ба олам кушодааст. Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов (1965) ва Институти театрӣ-бадеии ба номи А. Островскийи ш. Тошкандро (1970) хатм кардааст. Солҳои 1970-1990 муаллим, аз соли 1991 то поёни умр (2009)

директори Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов буд. Аз пайкарасозони намоёни ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, муҷассамаҳояш дохил ва беруни Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ, Кохи Борбад, Сирки давлатӣ (дар Душанбе), Қасри маданияти ш. Кӯлоб ва дигар иншоотро зеб медиҳанд. Пайкараю барелйефҳои «Модар», «Шарора», «Саргазон», «Фаслҳои сол», «Зебо», «Садриддин Айнӣ», «Варзишкор» намунаи беҳтарини дастранҷаш ҳастанд. Беш аз панҷоҳ асараш чун «Ҳосилот», «Чӯпон», «Оила», «Истироҳат», «Хунарпешагони сирк», «Чойнӯшӣ», «Осмони соф», «Гулгашти ошиқон», «Умед», «Муаллимаи ҷуғрофия», «Гуселкунӣ», «Дарахти даврони ҷавонӣ», «Оина», «Суқрот», «Ду нафар», «Муаллим», «Рассом», «Беҳзод», «Суруд дар бораи Ватан», «Баҳор», «Моҳ» ва ғайраҳо дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба таври доимӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Эҷодаш дар ярмаркаҳои байналмилалии Ироқ, Алҷазоир, Лаҳистон, Маҷористон, Шветсия ва дигар давлатҳо баҳои баланд гирифтааст.

**Адабиёт**

Одинаев Валимад [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 363.

Содирова, М. Пайкараҳои гӯё [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 27 апрел.

Солиева, Ҳ. Барҷастатарин симои эҷоди санъати тоҷик [Матн]: ёде аз устод, рассом, кулолгар, ҳайкалтароши тоҷик Валимад Одинаев // Фирӯза. – 2019. – №3. – С.16.

## ТОЛИБ ШАҲИДӢ
### (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Оҳангсози барҷастаи тоҷик, дирижёр Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1989), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1999), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1994), Ҷоизаи озмуни байналмилалии мусиқии муосир дар ИМА Толиб Шаҳидӣ 13 марти соли 1946 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе (1967) ва Консерваторияи давлатии Москваро (1972) ба итмом расондааст. Шогирди оҳангсози барҷастаи шӯравӣ Арам Хачатурян мебошад. Солҳои 1972-1976 ба ҳайси омӯзгори Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, солҳои 1976-1980 муҳаррири мусиқии киностудияи «Тоҷикфилм», солҳои 1981-1987 муҳаррири мусиқии телевизиони Тоҷикистон ва аз соли 1987 дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ кор кардааст.

Толиб Шаҳидӣ беш аз 50 асар дар жанрҳои гуногун эҷод намудааст. Аз ҷумла, балетҳои «Спитамен», «Марги судхӯр», «Юсуф ва Зулайхо», «Рубоиёти Хайём», операҳои «Посбони оташ», «Амир Исмоил», «Халифи якрӯза», мусиқӣ ба филм-балети «Умари Хайём», «Себҳои сеҳрнок», симфонияҳои «Тоҷикон», «Абӯалӣ ибни Сино», «Мақомот», чор квартет барои созҳои торӣ, консерт барои сюитаи балетӣ, увертюраи «Республикаи ман», симфония барои оркестри калон «Тоҷикон», кантатаҳо, асарҳои созию овозӣ ва камеравӣ, мусиқӣ барои кинофилму спектаклҳо – намунае аз осори ин оҳангсози барҷаста мебошад. Толиб Шаҳидӣ аз ҷумлаи он композиторонест, ки асарҳояш дар хориҷи кишвар иҷро мегарданд ва эътироф шудаанд. Аз ҷумла, асарҳои ӯ дар фестивалҳои мусиқӣ дар ИМА, Олмон, Россия,

Англия, Фаронса, Қазоқистон, Туркия, Эрон иҷро карда шудаанд.

Толиб Шаҳидӣ барандаи мукофоти «Мусиқии беҳтарин» дар Кинофестивали Белгия (2008) буда, дарсҳои маҳоратии ӯ дар Консерваторияи давлатии Москва ба номи П. И. Чайковский, Консерваторияи миллии Қазоқистон ба номи Курмангазӣ, Донишгоҳи ҳунарҳои зебои Эрон, Донишгоҳи мусиқӣ ва рақси шаҳри Ковентрии Британияи Кабир доир гардидаанд.

Ҳамзамон Толиб Шаҳидӣ чандин шабнишиниҳои муаллифӣ доир намудааст: Москва (1985, 1999, 2006, 2008), Олмон (Калструс, 2004), Алмато (1996), Теҳрон (2003, 2005). Аз ҷумла, дар шабнишинии муаллифие, ки 11-октябр соли 2008 дар толори хурди Консерваторияи Москва доир гардида буд, якчанд асари эҷодкардааш садо доданд.

**Намунаи осор**

Гапҳои паси парда [Матн]: мусоҳиба бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ / мусоҳиб Н. Сафарова // Тоҷикистони советӣ. – 1989. – 17 феврал.

Дӯсти оҳангсози мо [Матн]: мусоҳиба бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ / мусоҳиб С. Иброҳимов // Адабиёт ва санъат. – 1984. – 5 июл.

Мусиқӣ бояд дархӯри замон бошад [Матн]: мусоҳиба бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 28 сентябр.

Опера ва балет барои тоҷикон бегона нест [Матн]: мусоҳиба бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ / мусоҳиб Ҳ. Ҳомид // Чархи гардун. – 1999. – 26 ноябр.

Толиби наво [Матн]: суҳбат бо оҳангсоз Т. Шаҳидӣ // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 21 июл.

**Адабиёт**

Абдулвоҳидов, Б. Оҳанги асри навин [Матн] // Садои мардум. – 2000. – 19 август.

Абдуҷабборов, А. Каприччио [Текст]. – Душанбе, 2004. – 96 с.

Обидпур, Ҷ. Шаҳидӣ Толибхон Зиёдуллоевич // Обидпур, Ҷ. Луғатномаи тафсири мусиқӣ [Матн] / зери назари Б. Қобилова. – Душанбе: Аржанг, 2019. – С. 454-455.

Раҷабов, А. Завқи баланд [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 2 апрел.

Рӯзиматов, С. Бо роҳи падар [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 7 январ.

Рӯзиматов, С. Касби падар [Матн] // Маориф ва маданият. – 1976. – 28 октябр.

Ҳалима, Ҳ. Оҳанге, ки аз дил мебарояд [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1982. – 29 октябр.

Ҳусейнова, И. Хоҳони сулҳу амонӣ [Матн] // Паёми Душанбе. – 1993. – 19 январ.

Чигрин, Л. Офарандаи оҳангҳои дилхурӯш [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 31 март.

# ОРТИҚ ҚОДИРОВ
## (Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Актёр ва ровӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1999), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (2009) Ортиқ Қодиров 14 марти соли 1956 дар деҳаи Нилуи н. Ҳисор таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 1978 Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзодаро хатм кардааст. Солҳои 1978-1991 актёри Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ, солҳои 1991-1995 корманди Театри намунавии миниатюраи «Оина» буд. Аз соли 1996 боз ба Театри давлатии академии-драмавии ба номи Лоҳутӣ баргаштааст. Дар саҳнаи театр образҳои лирикӣ, драмавӣ, фоҷиавӣ ва мазҳакавиро дар як поя офарида, тамошогарро қоил менамояд. «Кӯзаи гӯё», «Исёни арӯсон», «Раъно», «Эдип», «Нахи печида», «Бахташро бедор кун», «Қиёми Лоҳутӣ», «Сухан ва шамшер», «Ибтидо» «Ғуруби Аҷам», «Хатро ман навишта будам», «Тӯдаи риёкорон» барин спектаклҳо аз баракати ҳунараш бештар муваффақ шудаанд. Дар филму намоишномаҳои телевизионии «Модар», «Ҳаёт ва ишқ», «Ашки сӯзон», «Ҷомӣ ва Навоӣ», «Ғуруб», «Кадри ҳавоӣ» ва ғайраҳо истеъдодаш зуҳур карда, бисёр саҳнаю намоишҳои Театри «Оина»-ро рангу бӯ бахшидааст. Ровии нотакрор аст, дар хазинаи Радиои тоҷик даҳҳо хониши бадеӣ бо овози ширадораш маҳфузанд. Дар ҷодаи рӯзноманигорӣ низ дасташ болост, зери имзои мустаори Меҳрафзун мақолаҳо оид ба пешрафту мушкилиҳои фарҳанги миллӣ, ҳаёту фаъолияти фарҳангиёни номӣ, очерку публисистика, мусоҳибаю мубоҳисаҳо нашр менамояд. Барандаи доимии ҷашнвораҳои муҳими фарҳангии ҷумҳурӣ мебошад.

## Намунаи осор

Аз ҳамсафарӣ то ҳамнишинӣ бо Тӯҳфа Фозилова [Матн] // Тоҷикистон. – 2020. – 4 март.

Алангаи ҳунари Аловиддин [Матн]: Ё чашмандози мухтасар, вале басо ҷиддӣ ба ҳунари як эҷодкор // Адабиёт ва санъат. – 2012. – 11 октябр.

Ба фикри Барзу розӣ буда наметавонам [Матн]: мусоҳиба бо Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ Қодир // Нури зиндагӣ. – 2009. – 3 декабр.

Бисёр талх гиря кардам [Матн]: мусоҳиба бо Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ Қодир / мусоҳиб М. Абдуллоева // Тоҷикистон. – 2010. – 1 апрел.

Дар диёри дӯстон [Матн]: оид ба сафари ҳунарии Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ дар Ӯзбекистони бародарӣ // Адабиёт ва санъат. – 1989. 16 ноябр.

Ёди ту оташест… [Матн]. – Душанбе, 1996. – 67 с.

Масъуд – шери майдони шараф [Матн] // Марзбон. – №2. – С.29-32.

«Мо филмҳои худро ҳатто баробари муш эътироф карда наметавонем» [Матн]: андешаҳои Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқи Қодир // Нигоҳ. – 2011. – 16 июн.

Орзуи чандинсолаам ҷомаи амал пӯшид [Матн]: мусоҳиба бо Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ

Қодир / мусоҳиб Р. Махсумзод // Чархи гардун. – 2002. – 27 декабр.

Ошёни меҳр [Матн]. – Душанбе, 2007. – 93 с.

Театр ва рӯзноманигорӣ як ҳадаф доранд [Матн]: мусоҳиба бо Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ Қодир / мусоҳиб Ҳ. Ҳомид // Чархи гардун. – 2007. – 15 март.

Ҷавҳари истеъдод [Матн]: мусоҳиба бо Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқ Қодир / мусоҳиб Ш. Аҳтамзод // Садои мардум. – 2008. – 26 феврал.

Шоҳи саҳна [Матн]: оид ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳошим Гадо // Садои мардум. – 2017. – 5 сентябр.

**Адабиёт**

Аюбӣ, С. Эҳдо ба марди сухансавор – Ортиқ Қодир [Матн]: шеър // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 6 декабр.

Қодиров Ортиқ Ашӯрович [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2003. – Ҷ. 3. – С. 317.

Зиё, С., Ҷӯра, А. Ошёни меҳри Меҳр афзун [Матн] // Ҷумҳурият. – 1992. – 16 октябр.

Мукофот муборак! [Матн]: Ортиқи Қодир бо мукофоти давлатӣ – унвони Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон сарфароз гардид // Чархи гардун. – 2009. – 10 сентябр.

Намоишномаҳои хаёлӣ [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1982. – 14 феврал.

Нилуфар. Дар дил оташе дорад [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 4 июл.

Раҳимӣ, А. Бо ӯ ифтихор дорем [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2017. – 30 март.

Файзалӣ, М. Дар сухан аз баҳр гавҳар мекашӣ [Матн]: шеър ба Ортиқи Қодир // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 1 октябр.

Холмирзо, Р. Маҳбуби дилҳо [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2009. – 1 октябр.

**МАМАДҚУЛ АРАБОВ**
**(Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)**

Мамадқул Абдуқодирович Арабов (05.03.1921, шаҳри Самарқанд - 25.12.1999, шаҳри Душанбе), коргардон ва навобардори кино, Иштирокдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945). Ягона тоҷикест, ки дар набардгоҳи ҷанг ҳамчун навобардори кино хидмат ба ҷой овардааст, бисёр филмҳои ҳуҷҷатиаш аз қабили «Дар Селезини Боло», «Берлин», «Намоиши Ғалаба» ва ғайра дар кинобойгонии марказии ҳарбии Маскав маҳфузанд. Дар киностудияҳои Маскав, Тошканд, Алмаато, Свердловск кор кардааст. Солҳои 1954-1961, 1972-1999 дар «Тоҷикфилм» заҳмат кашида, ба сифати коргардон ва наворбардор зиёда аз 150 филми ҳуҷҷатӣ таҳия намудааст, ки дар аксарашон худ муаллифи сенария мебошад. Аз ҷумла дар «Тоҷикфилм», «Арзон ва фоидаовар», «Одамони плани ҳафтсола», «Рӯзи забон», «Эфталитҳо, шумо кистед?», «Ёдгори дил», «Бобоҷон

Ғафуров», «Сомониён» барин филмҳои ҳуҷҷатиро рӯи навор овардааст.

Бо орденҳои «Ҷанги Ватанӣ» (дараҷаҳои 1,2), бисёр медалҳои ҷангӣ, ду Грамотаи Фахрии Президуми Совети Олии Тоҷикистон, ҳамчунин ордени «Шараф» (1996), сарфароз гардидааст.

**Адабиёт**

Айни, К. Разбуженный Восток [Матн]: о фильме «Восход над Гангом» - студия «Таджикфильм» // Литературная газета. – 1976. – №46. – С.8.

Баҳодур, Б. Навораш нури ёди нек дорад [Матн]: роҷеъ ба ҳаёт ва хидматҳои собиқадор ва маҷруҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, устоди барҷастаи кинои тоҷик Мамадқул Арабов // Ҷумҳурият. – 2019. – 8 май.

Каримова, М. Х. Навобардори фронтӣ [Матн]: Оиди ҳаёт ва фаъолияти навобардори Фронти 1-уми Украина Мамадқул Арабов // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 9 май.

## ОТАХОН ЛАТИФӢ
**(Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)**

Журналисти маъруфи тоҷик, нависанда, арбоби ҷамъиятӣ Отахон Латифӣ 18-уми марти соли 1936 дар ш. Панҷакат дида ба олам кушодааст. Соли 1963 факултаи журналистикаи Университети давлатии Ленинградро (ҳоло ш. Санкт-Петербург) ба поён расонда, муддате дар нашриёти «Ирфон» ба сифати муҳаррир кор кардааст. Минбаъд чун мухбири рӯзномаҳои «Комсомолец Таджикистана», «Комсомоли Тоҷикистон» қувва озмуда, чанде дар КМ ЛКСМ Тоҷикистон ҳамчун нозир фаъолият намудааст. Солҳои 1969-1973 мухбири махсуси

газетаи «Комсомольская правда» дар Осиёи Миёна, 1973-1991 мухбири махсуси газетаи «Правда» дар Тоҷикистон буд. Соли 1991 чанде муовини Раиси Совети Вазирони Тоҷикистон кор карда, солҳои 1997-1998 узвияти Комиссияи оштии миллии Тоҷикистонро ба дӯш дошт. 18 сентябри соли 1998 чашм аз дунё пӯшидааст.

Отахон Латифӣ бо услуби оммавӣ-илмӣ менавишт, фикру андешаашро бепарда, гӯёю фаҳмо баён менамуд, дар навиштаҳояш самти сиёсату фаросат муайян буд, ҳадафу масъала ва ҳалли онҳо вуҷуд дошт. Ин аст, ки бӯи мушки қаламаш ба димоғи қаламкашони дуру наздик расид, харидори зиёд пайдо кард. Бо заҳматаш кору бор дар Тоҷикистон ба чашму гӯши миллион-миллион хонандаи олам расид, ҳамеша мавзӯи муҳиму муфид меёфт, таҳлил мекард, собит месохт, ки ҳар нуқсе бар қалами қаламбадастон меравад, фақат айби замону талаби вақт нест, балки бозгӯи дониш, биниш, фаросат, масъулият ва ҳунари нависанда аст. Ӯ бедард сухан намегуфт, мисли шикорчие, ки беҳадаф асло тир намекушояд. Паси чизи одӣ зуҳуротро медид, аксар навиштаҳояш дар мақомоти баланди давлатию ҳизбӣ баррасӣ ва бо хулосабарорӣ анҷом меёфтанд.

**Намунаи осор**

Асое, ки моро сӯи мӯъҷиза бурд [Матн]: навогарони як диёр. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 198 с. (ҳаммуаллиф).

Осоиши ҳамагон ормони ман аст [Матн]: мусоҳиба бо О. Латифӣ / мусоҳиб К. Шарифзода // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 22 март.

Рӯзгори соҳибдилон [Матн]: ҳикоятҳо аз қисмати як зумра бузургони маданияти халқ. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 320 с. (ҳаммуаллиф).

Тирамоҳи заррин [Матн]: очерк. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 47 с.

**ххх**

Белая осень [Текст]: очерк. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 160 с.

Люди и вершины. Книга памяти [Текст]. – М.: Фонд им. И.Д. Сытика, 2003. – 212 с.

Последняя весна Отахона Латифи [Текст]. – Душанбе, 2002. – 147 с.

**Адабиёт**

Атовулло, Д., Аюб, С. Чароғи ҳидоят [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1989. – 16 март.

Десятерин, В. Ту бо мо ҳастӣ, Отахон [Матн] // Ҷомеа. – 2008. – 27 март.

Кӯҳзод, Ӯ. Вай ба ботини чизҳо менигарист [Матн] // Ҷумҳурият. – 2006. – 11 март.

Муҳаммад, М. Ташаббускори сулҳе, ки шаҳди онро начашид [Матн] // Ҷомеа. – 2008. – 18 сентябр.

Отахон Латифӣ [Матн] // Адибони Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – С. 261-262.

Ҳамдамов, Ш. Назаре чун нигоҳи Латифӣ [Матн] // Газетаи муаллимон. – 1989. – 4 апрел.

Шарики умри ман ва шарики ниёзҳои мардум [Матн]: сухан аз ҳамсари устод О. Латифӣ – номзади илми тиб Манзура Ёқубова // Ҷомеа. – 2008. – 27 март.

Шаҳрия. Барои Латифӣ [Матн]: шеър // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 7 апрел.

## ОЛИЯ ФАТАЛИЕВНА ЮСУПОВА
## (Ба муносибати 90- солагии зодрӯзаш)

Олия Фаталиевна Юсупова соли 1931 таваллуд шудааст. Соли 1945 ба Техникуми ҷумҳуриявии китобдорӣ (ҳоло коллеҷи ҷумҳӯриявии ба номи П.Ҷ.Буйдоқови н.Рӯдакӣ) дохил гардида, онро соли 1948 хатм намудааст ва аввалин хатмкунандаи ин техникум мебошад. Баъд аз хатми техникум муддате дар вазифаи китобдори Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А.Фирдавсӣ, мудири китобхонаи ноҳиявии Орҷоникидзеобод (ҳоло н.Ваҳдат), мудири шуъбаи маданияти ҳамин ноҳия (аз соли 1949 то 1953) кор кардааст. Ӯ ғоибона дар Донишкадаи педагогии Сталинобод ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) (1953-1959) таҳсил кардааст.

Олия Юсупова солҳои 1953-1985 дар Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А.Фирдавсӣ дар вазифаҳои китобдор, китобдори калон, мудири шуъбаи коркарди адабиёт ва феҳрстнигорӣ кор кардааст.

Ӯ дар кори ба тартиб овардани феҳристҳои Китобхонаи мазкур саҳми бузург гузоштааст. Имрӯзҳо аз ин феҳристҳо ҳазорон нафар хонандагони Китобхона баҳрамандaнд. Олия Юсупова инчунин дар ҷобаҷогузории маҷмӯи китобхонаҳои оммавии давлатӣ дар ҷумҳурӣ (1964-1975), маъракаи марказонидани ин китобхонаҳо (1975-1980), азназаргузарониҳои фаъолияти

китобхонаҳо, расонидани ёрии методӣ (услубӣ) ба китобхонаҳои марказонидашуда саҳм гузоштааст.

Барои хизматҳои шоёнаш дар соҳаи китобдории тоҷик ӯ соли 1961 соҳиби унвони фахрии «Китобдори хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» мешавад. Ҳамзамон ӯ барои хизматҳои арзандаву бенуқсонаш бо ордени «Нишони фахрӣ», медалҳо, ифтихорномаҳои Вазорати фарҳанги ИҶШС ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мушарраф гардидааст.

**Намунаи осор**

Положение и инструкции по внедрению ББК в практику работы массовых библиотек республики [Текст] / сост. О.Ф.Юсупова, Л.Кокоева. – Душанбе, 1980. – 69 с.

Низомнома ва дастурамалҳо доир ба ҷорӣ намудани ККБ дар амалияи кори китобхонаҳо [Матн]: тавсияҳои методӣ / тартибдиҳандагон: О.Ф.Юсупова, Л.Кокоева. – Душанбе, 1981. – 97 с.

**Адабиёт**

Аҳмадов, Б. Юсупова Олия Фаталиевна [Матн] // Коршиносони Китобхонаи миллӣ. – Душанбе: Эҷод, 2006. – С.60-61.

Каримов, Ҷ. Китобдори шоистаи Тоҷикистон: 1961. О.Ф.Юсупова [Матн] // ЭСТ. – Душанбе,1981. – Ҷ.3.– С.332.

Махзани ганҷи бебаҳо [Матн]: Китобхонаи ба номи А.Фирдавсӣ ва кормандони он // Комсомоли Тоҷикистон. – 1976. – 5 январ.

Сулаймонӣ, С.И., Раҷабов,Ҷ. Ҷорчиёни фаъоли маърифат [Матн]: Китобхонаи ба номи А.Фидавсӣ ва занҳои фаъоли он // Китобхонаи ба номи А.Фирдавсӣ – 50 сола: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1983. – С.102.

## ҒАФФОР ВАЛАМАТЗОДА
### (Ба муносибати 105-солагии зодрӯзаш)

Асосгузори хореографияи тоҷик Ғаффор Валаматзода 9-уми майи соли 1926 дар шаҳри Хуҷанд дида ба олам кушодааст.

Фаъолияти ҳунарии Ғаффор Валаматзода пас аз хатми Техникуми мусиқӣ-театрии шаҳри Хуҷанд соли 1932 дар Театри мусиқии Ӯзбекистон ба ҳайси артисти балет оғоз меёбад. Соли 1934 дар Тоҷикистон Театри мусиқӣ таъсис меёбад ва Ғаффор Валаматзодаро барои идомаи фаъолияти кориаш ба ин Театр, ки номи Лоҳутиро гирифта буд, даъват мекунанд ва ӯ дар ин вазифа то соли 1939 фаъолият менамояд.

Ғаффор Валаматзода аз соли 1939 то соли 1945 вазифаи солисти балет ва балетмейстри Театри опера ва балети Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

Ғаффор Валаматзода ҳамчун устоди рақс дар таҳия ва ба саҳнагузории намоишномаҳои солҳои ҷанг, аз қабили «Ду гул» (с. 1941), «Розия» (26 декабри соли 1942) «Тоҳир ва Зуҳро» (5 декабри соли 1944) саҳми муносиб гузоштааст. Ӯ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар майдонҳои ҳарбу зарб ва дар байни ҷанговарони тоҷик бо барномаҳои ҷолиби консертию ҳунарӣ, ҳунарнамоӣ карда, сазовори таҳсину эҳтиром гаштааст.

Метавон гуфт, ки нимаи дуюми солҳои сиюм ва нимаи якуми солҳои чилум барои Ғаффор Валаматзода солҳои воридшавӣ ба олами беканори санъати хореографӣ, омӯзишу таҳқиқ ва нишон додани истеъдоди

баланди касбӣ дар ҷодаи интихобкардааш маҳсуб меёфтанд. Маҳз ҳамин истеъдоди баланди касбиаш ба ӯ имкон дод, ки ҳамчун устоди рақс дар таҳияю ба саҳнагузории аввалин намоишномаҳои Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, аз қабили «Восеъ», «Лола», «Шӯриши Восеъ», «Ду гул», «Розия», «Таҳмоси хуҷандӣ», «Тоҳир ва Зуҳро» саҳм гузорад.

Ғаффор Валаматзода барои боз ҳам ошноӣ пайдо кардан ба нозукиҳои санъати хореографӣ соли 1945 дар Театри Калони ИҶШС ва Омӯзишгоҳи хореографии шаҳри Москва ҳамчун коромӯз сатҳи дониши касбии хешро такмил медиҳад. Ӯ соли 1946 ба Донишкадаи давлатии санъати театрии ба номи А. В. Луначарскии шаҳри Москва шомил шуда, онро соли 1951 бомуваффақият хатм менамояд.

Пас аз хатми донишкадаи олии касбӣ ӯ ба сифати сарбалетмейстри Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ (с. 1951-1956) ифои вазифа мекунад. То оғози кор дар ин вазифа бо саъю кӯшиши Ғаффор Валаматзода намоишномаҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Князь Игорь», «Оршин мол-олон», «Сарчашмаи бахт» рӯи саҳна омаданд. Аввалин кори мустақилонаи Ғаффор Валаматзода дар эҷоди асари саҳнавӣ намоишномаи «Лайлӣ ва Маҷнун» буд. Соли 1949 намоишномаи «Лайлӣ ва Маҷнун» сазовори Мукофоти давлатии СССР мегардад ва таҳиягари он – Ғаффор Валаматзода дорандаи ҷоизаи ҳамин мукофот мешавад. Таҳрири нави намоишномаи «Лайлӣ ва Маҷнун» дар таҳияи Ғаффор Валаматзода соли 1957 пешкаши тамошобинон мегардад.

Солҳои 50-ум ва нимаи аввали солҳои 60-ум Ғаффор Валаматзода дар таълифи мусиқӣ, таҳия ва басаҳнагузории рақсҳои намоишномаҳои «Русалка», «Лауренсия», «Эсмералда», «Аида», «Дилбар», «Фаввораи Боғчасарой», «Кули қувон», «Пӯлод ва Гулрӯ», «Роҳи пуршараф», «Гилеми кабуд», «Корсар»,

«Комде ва Мадан», «Кармен», «Афсонаи кӯҳӣ» кӯшиши зиёд намуд.

Ӯ солҳои 1956-1963 вазифаи директори Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ, солҳои 1963-1968 директор ва роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон ва солҳои 1968-1979 роҳбари бадеӣ ва сарбалетмейстри Ансамбли давлатии рақсии «Лола»-ро ба уҳда дошт.

Рақсҳои ба саҳнагузоштаи Ғаффор Валаматзода, аз қабили: «Сайри лолаҳо», «Дашнободӣ», «Синахурӯш», «Рӯмол», «Мори печон», «Рақс бо доира», «Рақс бо тавлак», «Нағорабазм», «Ҷигарпора», «Чорзарб», «Калтакбозӣ», «Кордбозӣ», «Қайроқбозӣ», «Панҷ гул», «Қамчин», «Чалма», «Тӯй», «Суруд ва муҳаббат», «Чархи дузону», «Ҳосилот», «Дугонаҳо», «Вохӯрӣ», «Ҷумҷаҳала» ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз нигоҳи назокату нафосат ҷолиб буда, ҳаракатҳои ҳамвору мавзун ва дилангез бештар таваҷҷуҳи тамошобинро ба худ ҷалб менамояд.

Солҳои 1979-1981 Ғаффор Валаматзода ба ҳайси директор ва роҳбари бадеии Театри академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ва солҳои минбаъда роҳбари бадеӣ ва сарбалетмейстри Ансамбли давлатии рақсии «Лола» кору фаъолият намуд.

Хизмати Ғаффор Валаматзода дар рушду такомули санъати хореографии тоҷик, созмондиҳии дастаҳои ҳунарӣ, эҷоду таҳияи асарҳои саҳнавӣ, густариши равобити фарҳангии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо, тарбияи истеъдодҳои ҷавон хеле назаррас мебошад. Ӯ дар баробари эҷоди асарҳои саҳнавӣ, таҳияву басаҳнагузории рақсҳо ва роҳбарӣ ба фаъолияти дастаҳои ҳунарӣ боз чиҳати рушди санъати хореографии тоҷик тавассути васоити ахбори умум афкору андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Бо қалами Ғаффор Валаматзода беш аз 80 асару мақолаҳо, мубоҳисаву ёддоштҳо тааллуқ

доранд. Ҳамзамон, оид ба зиндагинома ва самтҳои гуногуни фаъолияти эҷодиву ҳунарии Ғаффор Валаматзода осори зиёди чопиву электронӣ интишор гардидааст, ки барои омӯзиш, таҳқиқ ва муаррифии корномаҳои ӯ аз манфиат холӣ нест. Ҳаёт, зинаҳои камолоти эҷодиву ҳунарӣ ва ба олами санъат ворид шудану комёб гаштани Ғаффор Валаматзодаро муҳаққиқон Н. Нурҷонов, М. Назаров, У. Боймуҳаммадов, М. Ҷӯрабекова, А. Мороз, А. Протсенко, Н. Қиличева воқеъабинона таҳлил намуда, дар асару мақолаҳояшон фаъолияти пурсамари эҷодӣ, истеъдоди баланди ҳунарӣ ва саҳми назарраси ӯро дар инкишофи санъати хореографии тоҷик нишон додаанд.

Барои хизматҳои арзандааш дар инкишофи санъати миллии тоҷик Ғаффор Валаматзода бо унвонҳои фахрии «Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон» (1941), «Артисти халқии Тоҷикистон» (1945), «Артисти халқии СССР» (1976) сарфароз гардидааст. Инчунин, ӯ дорандаи Ҷоизаҳои давлатии СССР (1949), ҶШС Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ (1975), 2 орденти Ленин (1957, 1986), 3 ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат» (1941, 1949, 1954) ва медалҳо мебошад.

Ғаффор Валаматзода 12 декабри соли 1993 вафот кардааст.

Соли 2016 бо қарори ЮНЕСКО 100-солагии Ғаффор Валаматзода ҳамчун асосгузори хореографияи тоҷик, коргардону басаҳнагузорандаи операҳо, филмҳо ва рақсҳои миллии халқи тоҷик ҷашн гирифта шуд.

**Намунаи осор**

Ба сӯи қуллаҳои нави эҷодӣ [Матн]: роҷеъ ба фаъолияти Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ // Маориф ва маданият. – 1960. – 13 сентябр.

Вақт довари ҳақиқист [Матн]: роҷеъ ба масоили тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси санъати касбӣ, ташкили омӯзишгоҳи хореографӣ ва студияи вокалӣ // Паёми Душанбе. – 1991. – 6 апрел.

Даъвати ҳаёт [Матн]: роҷеъ ба асарҳои замонавӣ таъмин намудани репертуари театрҳо // Тоҷикистони советӣ – 1983. – 6 октябр.

Истеъдод ва маҳорат – маҳаки асосӣ [Матн]: маърӯзаи Раиси Ҷамъияти театрии республика дар съезди V ғайринавбатии Ҷамъияти театрии Тоҷикистон // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 1 октябр.

Муваффақияти нави эҷодӣ [Матн]: роҷеъ ба саҳнаи театрҳои тоҷик гузошта шудани намоишномаи «Дон – Кихот» // Тоҷикистони советӣ. – 1955. – 13 март.

Рақс ва раққосон [Матн] // Тоҷикистони сурх. – 1941. – 12 апрел.

Саодати санъаткор [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1978. – 7 октябр.

**ххх**

А где же смена? [Текст] // о подготовке работников искусств в Таджикистане // Коммунист Таджикистана. – 1959. – 23 июня.

Наш балет [Текст] // Советское искусство. – 1941. – 13 апреля.

О кадрах искусства [Текст]: в порядке постановки вопроса // Коммунист Таджикистана. – 1946. – 27 августа.

Слово о танце [Текст]: о некоторых вопросах дальнейшего развития таджикского хореографического искусства // Коммунист Таджикистана. – 1983. – 28 апреля.

Танец – душа народа [Текст]: о путях развития таджикского танцевального искусства // Коммунист Таджикистана. – 1978. – 16 июля.

**Адабиёт**

Боймуҳаммадов, У. Муаллими рақс [Матн]: ба ифтихори 50-солагии зодрӯзи Ғ. Валаматзода // Садои Шарқ. – 1966. – № 11. – С.106-112.

Ғаффор Валаматзода – асосгузори хореографияи тоҷик: китобномаи шарҳиҳолӣ / мураттиб Ш. Комилзода; зери назари А. Раҷабов. – Душанбе, 2016. – 176 с.

Комилзода, Ш. Боғбони як чаман лола [Матн]: оид ба фаъолияти ҳунарии Ғаффор Валаматзода // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 14 январ.

Комилзода, Ш. Бунёдгузори санъати хореографии тоҷик [Матн]: ба ифтихори 100-солагии Ғаффор Валаматзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2016. – №1 (33). – С. 85-91.

Комилзода, Ш. Чеҳраи барҷастаи хореографияи тоҷик [Матн]: оид ба фаъолияти ҳунарии Ғаффор Валаматзода // Садои мардум. – 2016. – 9 феврал.

Нурҷонов, Н. Валаматзода Ғаффор [Матн]: зиндагинома ва фаъолияти эҷодию ҳунарӣ //

Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ.1. – С.315-316.

Нурҷонов, Н. Валаматзода Ғаффор Рустамович [Матн] // Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе: СИЭМТ, 2014. – Ҷ.3. – С. 434-435.

Нурҷонов, Н. Олами беканори рақси тоҷик [Матн]: очерки таърихӣ-назарӣ. – Душанбе, 2004. – 340 с.

Табарӣ, М. Марди рақс [Матн] // Ҷумҳурият. – 2015. – 22 октябр.

Ҷӯрабек, М. Шоҳини ҳунар [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2006. – 224.

**ххх**

Баймухамедов, У. Гафар Валаматзаде [Текст]: творческий путь народного артиста Таджикской ССР, лауреата Государственной премии СССР Гафара Рустамовича Валаматзаде. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 48 с.

Валамат-заде Гафар Рустамович [Текст] // Клычева, Н., Казакова, З. История хореографического искусства Таджикистана: очерки. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – С. 255-256.

Гафар Валаматзаде [Текст]: первые балетмейстеры и их метод работы // Проценко А. И. Театральное искусство Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 1979. – С. 21-22.

Джурабекова, М. Как зажигались звезды [Текст]: о творческом пути в искусстве, жизни и деятельности

народного артиста СССР Г. Валаматзаде. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 144 с.

Мороз, А. Гафар Валамат-заде [Текст]: о народном артисте ТаджССР, главном балетмейстре Тадж.гос.театра оперы и балета им. Айни // Коммунист Таджикистана. – 1956. – 9 октября.

## САБЗАЛӢ ШАРИФЗОДА
### (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Сабзалӣ Шарифзода, рассом, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ (1987), Рассоми халқии Тоҷикистон (1997), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ (1998) 9 майи соли 1946 дар н. Фархор дида ба олам кушодааст. Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов (1967) ва Институти давлатии театрӣ-бадеии ба номи А. Островскийи ш. Тошкандро (1972) ба итмом расонда, умре дар Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов сабақ додааст. Бешубҳа, аз беҳтарин мусаввирони насли худ аст, истеъдоди билқувваааш дар навҷӯӣ ва суннатшиканист, роҳу равиш ва сабки хоси хешро дарёфт, аз таъсири дигарон раҳо шуд. Осораш аз назари қолаб, наҳви тасвир ва тавсиф, маънӣ тоза аст. «Куллаҳои устод Мӯъминшо», «Баҳори устод Лоиқ», «Усто Нуриддинов», «Устод М. Олимов», «Усто Раҷаби Шариф», «Талбак Лолаев», «Сино», «Шӯриши Восеъ», «Роғун», «Субҳи Роғун», «Гусел», «Наврӯз», «Ғолибон», «Анорбоғи бобоям», «Хайёлҳо», «Ёде аз солҳои гузашта», «Мотам», «Мактуб» аз беҳтарин мусавварахои портретӣ ва манзаранигориаш мебошанд. Деворнигораҳо – паннои «Меҳмоннавозӣ» (меҳмонхонаи «Тоҷикистон»), ороиши биноҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Сирки давлатӣ, Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ, гулбандиҳои Кохи Борбад,

ҳотамкории Қасри фарҳанги Кӯлоб аз истеъдоди нотакрораш дарак медиҳанд. Дастранҷаш дар осорхонаю нигористонҳои Россия, ИМА, Олмон, Шветсия, Швейтсария, Лаҳистон, Кипр, Австрия ва дигар давлатҳо ҷой дода шудаанд.

**Намунаи осор**


Бо худ дар набардам [Матн]: мусоҳиба бо рассом С. Шарифзода / мусоҳиб А. Ҳаким // Ҷумҳурият. – 2006. – 21 октябр.

Зиндагӣ чӣ ранге дорад [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 12 апрел.

Сайри эъҷози ҳунар [Матн]: мусоҳиба бо рассом С. Шарифов / мусоҳиб М. Ҳусейн // Тоҷикистони советӣ. – 1987. – 5 апрел.


**Адабиёт**


Овчарова, Т. Нақшҳо ва ҳунарҳо [Матн] // Садои Шарқ. – 1990. – № 12. – С. 99-103.

Салим, М. Ба истиқболи хуршед [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 2 октябр.

Шарифов Сабзалӣ [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 608.

Айни, Л. Сабзали [Текст]. – Душанбе, 1997. – 91 с.


## БЕГИМСУЛТОН АЛИФБЕКОВА
**(Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)**

Бегимсултон Алифбекова (15. 05.1921. деҳаи Емси н. Рӯшони ВМКБ – 20.06.1983, ш. Хоруғ), актрисаи театр,

сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1957), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1974). Соли 1937 Мактаби мусиқии пойтахт ва 1943 Институти давлатии санъати театрии ба номи А. Луначарскийи ш. Маскавро хатм кардааст. Аз соли 1943 то поёни умр актриса ва сарояндаи Театри мусиқӣ-мазҳакаи ш. Хоруғ буд. Тӯли фаъолият қариб 170 нақши гуногун бозидааст, ки аксар марказианд. “Табиби зӯракӣ”, “Тошбек ва Гулқурбон”, “Чанори гӯё”, “Дил-дили Зайнаб”, “Пагоҳ тӯй”, “Аз паси фронти дуюм”, “Гулҳои сиёҳ”, “Супориши махсус”, “Достони Ҳофиз”, “Субҳи иқбол” барин спектаклҳо бо заҳматаш муваффақияти бештар пайдо кардаанд. Таронаҳои тоҷикӣ ва дигар халқҳоро бо маҳорати баланд иҷро намудааст. Хоса сурудҳои ҳаҷвӣ дар иҷрояш хуш садо медоданд. Дар хазинаи Радиои тоҷик “Булҳавас”, “Ба мо чӣ”, “Ароба”, “Яку ду”, “Домод бошад, чӣ сон бошад”, “Носкаш”, “Гуфтему гуфтем”, “Ҳавобаланд”, “Дирӯзу имрӯз” барин таронаҳои ҳаҷвиаш маҳфузанд, ки аз маҳорати баланди сарояндагии ӯ шаҳодат медиҳанд. Дасти бисёр ҳунарпешаҳои ҷавонро дар ҷодаи касб рост намудааст.

Бо ордени “Нишони Фахрӣ”, медалҳо ва Грамотаҳои Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон қадр шудааст.

**Адабиёт**

Ҳайдаршоев, М. Саҳна мазмуни ҳаёти ман аст [Матн]: роҷеъ ба фаъолияти ҳунарии Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Б. Алифбекова // Маориф ва маданият. – 1980. – 7 август.

Хисравов, Б. Роҳи эҷодӣ [Матн]: ба муносибати 60-солагии Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Б. Алифбекова // Бадахшони советӣ. – 1982. – 6 январ.

Зардодхонова, М. Дил ҷавон аст [Матн]: шеър бахшида Артисткаи халқии РСС Тоҷикистон Б. Алифбекова // Бадахшони советӣ. – 1982. – 6 январ.

Раҳматов, Б. Алифбекова Бегимсултон // Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – 2011. – Ҷилди 1. – С. 309.

Раҳмонкулов, А. 170-чеҳраи як ҳунарпеша [Матн]: роҷеъ ба фаъолияти ҳунарии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, ҳунарманди Театри вилоятии ба номи Меҳрубон Назаров Бегимсултон Алифбекова // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 25 август.

## БЕКНАЗАР АҲМАДОВ
**(Ба муносибати 95-солагии зодрӯзаш)**

Китобшинос-библиограф, Корманди шоистаи Тоҷикистон (1999) Бекназар Аҳмадов 27 майи соли 1926 дар деҳаи Сарихосори ноҳияи Балҷувон чашм ба олами равшан кушодааст. Дар Омӯзишгоҳи маданӣ-маърифати ноҳияи Ленин (1957-1960) (ҳозира коллеҷи ҷумҳуриявии ба номи П. Буйдоқови ноҳияи Рӯдакӣ) ва факултаи китобхонашиносии Донишкадаи педагогии Тошканд ба номи Низоми Ганҷавӣ (1961-1966) таҳсил кардааст. Сипас муддате дар Китобхонаи вилоятии шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба сифати китобдори калон фаъолият намудааст. Солҳои 1968-1993 ба ҳайси нозир, нозири пешбари Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва солҳои 1993-2012 корманди Китобхонаи миллии Тоҷикистон кор кардааст.

Таваҷҷуҳи Бекназар Аҳмадовро бештар корнамоиҳои тоҷикписарони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба худ ҷалб кардааст ва ба ин муносибат 111 албом тартиб

додааст. Дар онҳо оид ба иштирокдорони ҷанг ва ҳаёти мардум дар ақибгоҳ маводи фаровон ҷамъоварӣ шудаанд.

Бекназар Аҳмадов яке аз ташаббускорони бунёди Осорхонаи китоби Китобхонаи миллӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон дар таҳияи дастурҳои методӣ ва библиографии «Давлати бузурги бостонӣ», «Марказонидани маҷмӯи китобхонаҳои оммавӣ ва давлатӣ», «Дурдонаҳо аз олами китоб», «Китобхона ва чорводор», «Китоби сол» (дар се бароориш) ва ғайра саҳм гузоштааст. Теъдоди умумии дастуру тавсияномаҳо, очерку мақолаҳо, лавҳаю мухбирномаҳои таълифнамудааш аз шашсад мегузаранд. Пурмаҳсултарин муҳаққиқи бахши таърихи китоб, китобшиносӣ ва китобхонашиносии тоҷик ба шумор меравад. Бештари мақолаҳои ӯ дар матбуоти даврӣ чоп шудаанд.

**Намунаи осор**

Анҷумани китобдорон [Матн]: оид ба аввалин анҷумани китобдорони ҷумҳурӣ (соли 1961) // Баҳори Аҷам. – 2006. – 3 апрел.

Донори фахрӣ [Матн]: корманди Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи А.Фирдавсӣ Мария Алексеевна Шутова // Ҷумҳурият. – 1994. – 26 ноябр.

Китоб [Матн]: оид ба таърихи пайдоиши китоб ва китобхонаҳо // Ҷумҳурият. – 2015. – 5 сентябр.

Китоб ва пайдоиши он [Матн] // Китобдор: маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатӣ. – 2007. – №1 (2).. – С. 34-36.

Китобдори Чилчинор [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. – 6 июн.

Китобхонаи миллӣ ва истиқлолият [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2005. – №8–9.(66). – сентябр. – Бо ҳамкории А. Юнусов.

Китобҳо бо соядаст [Матн]: оид ба китобҳои соядасти осорхонаи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ // Нидои ранҷбар. – 1993. – 21-27 май.

Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик: маълумотнома. – Душанбе, 2016. – 274 с. – Бо ҳамкории Ҷ. Раҷабов.

Нусхаҳои камёфти осори Саъдӣ [Матн]: оид ба ҳифзу нигоҳдории ин осор дар хазинаи дастнависҳои Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ // Ҷумҳурият. – 2001. – 29 сентябр. – Бо ҳамкории А. Юнусов.

Осори нотакрор [Матн] // Ганҷинаи фарҳанг: Ҷашнномa бахшида ба 70–солагии Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004.–С.47–51.

Хазинаи нодир [Матн]: Бахшида ба 70–солагии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ // Баҳори Аҷам. – 2004. – №11-12. – декабр. – Бо ҳамкории А. Юнусов.

Тоҷикписари тоҷик [Матн]: китобномаи шарҳиҳолии Тешабой Одилов. – Душанбе, 2001. – 48 с.

Хазинадор [Матн]: оид ба фаъолияти мудири шуъбаи дастхатҳои Шарқи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ Абдуллоҷон Юнусов // Ҷумҳурият. – 1997. – 9 июл.

Дом, в котором живут книги [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 42 с.


**Адабиёт**

Диловаров, М. Аҳмедов Бекназар // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд. – Душанбе, 2004. – Ҷ.3. – С.505.

Муҳиддинов, С., Каримзода, Б. Кӯҳи фарҳанг [Матн]: оид ба зиндагинома ва фаъолияти илмиву эҷодии корманди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ Бекназар Аҳмадов // Ҷумҳурият. – 2001. – 12 июл.

Раҷабов, Ҷ. Мунодии фарҳанг // Фидоиёни фарҳанг. – Душанбе, 1999. – С.26-30.

Юнусов, А. Бекназар Аҳмадов [Матн]: Ба ифтихори 80 – солагии зодрӯзи китобдори шинохтаи тоҷик Б.Аҳмадов // Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барои соли 2006. – Душанбе: Эҷод, 2006. – С.29–30.

Юнусов, А. Бекназар Аҳмадов [Матн] // Коршиносони эҷодкори Китобхонаи миллӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – С.62-63.


## ҶӮРАБЕК НАЗРИЕВ
### (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Ҷӯрабек Назриев донишманди варзида ва овозхони маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон (1990), узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1998),

Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1999), узви вобастаи АИ Тоҷикистон (2001) 23 июни соли 1946 дар деҳаи Навруҳои н. Ховалинг таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёнаи №23-и ба номи М.Горкийи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе соли 1963 Ҷӯрабек Назриев ба бахши забону адабиёти факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) шомил шуда, онро соли 1968 хатм менамояд. Баъди хатми донишгоҳ бо роҳхати раёсати донишгоҳ ва маслиҳати устод Аълохон Афсаҳзод ба аспирантураи назди Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶТ ҳуҷҷат пешниҳод кард ва дар супурдани имтиҳонот комёб гардид.

Соли 1974 рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Мактабӣ ва матни илмӣ-интиқодии маснавии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ӯ» ва соли 1996 рисолаи докториро таҳти унвони «Ривоёти Библияву Қуръон роҷеъ ба Сулаймон ва таҳаввули он дар адабиёти форс-тоҷик» дифоъ намудааст. Асарҳои дигаре аз қабили «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мактабӣ», «Матни илмӣ-интиқодии Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мактабӣ», «Сулаймоннома»-и «Зулолии Хонсорӣ» (тадқиқ ва таҳияи матни илмӣ ва интиқодӣ бо ҳуруфи форсӣ, (1986), «Қиссаи Сулаймон ва маликаи Сабо дар назми форс-тоҷик» (1996), «Библийского кораническая история царя Соломона и её преломление в персидско-таджикской литературе» (1996), «Таърихи Ҳумоюн»-и Гулшанӣ (2007) ва даҳҳо мақолаҳои илмиро дар мавзӯъҳои гуногун дар дохил ва хориҷи кишвар ба табъ расонидааст.

Ҷӯрабек Назриев аз ибтидои солҳои 90-уми қарни гузашта аввал дар Институти дастхатҳо ва баъди аз нав таъсис ёфтани Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ то моҳи июни соли 2007 дар вазифаи сарвари ин муассисаи бонуфузи илмӣ буд. Ӯ аз раиси Иттиҳодияи музейҳои адабӣ то директори Институти мероси хаттӣ

ва директори Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ расидааст ва аз соли 1991 то июни соли 2007 ин даргоҳи муқаддасро роҳбарӣ кардааст. Солҳои 2007-2008 сарходими илмии шуъбаи таҳқиқи низоъҳои минтақавии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, солҳои 2008-2013 сарходими илмии адабиёти классикии Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, солҳои 2013-2017 мудири шуъбаи «Ганҷинаи мероси хаттии ба номи академик А.Мирзоев»-и Институти забон ва адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ ва аз марти соли 2017 то 01.05.2020 директори Маркази мероси хаттии АМИ ҶТ буд.

Баробари фаъолияти илмӣ мусиқӣ яке аз рукнҳои муҳими рӯзгораш гардидааст. Овозхонест, ки пайи маънӣ меравад, мақсади шоирро хуб дарк сохтаю ба сомеон мерасонад, сурудаш таҳаммулу андеша мехоҳад, як гулчини муайяну мулаввани мусиқиро хотирнишон намуда, аз дил бурун ҷастаю ба қалбҳо менишинад. «Менигарему меравем», «Суруди анҷум», «Қуи сафед», «Баҳория», «Суруди кӯҳсор», «Лоларухо», «Ашк», «Як табассум кун», «Ошнот манам», «Мушкил аст», «Ҳамдаме», «Зи кадомин чаман ҳастӣ», «Дунё ғанимат аст», «Меҳрубонӣ», «Ту чӣ ёрӣ?», «Моҳи ман», «Савганд» шаммае аз сурудаҳояш ҳастанд, ки ба аксарашон худ оҳанг эҷод кардааст. Ҳамчун ромишгари соҳибмактаб шогирдони зиёде ба майдони фарохи мусиқӣ овардааст, ки аксар соҳибному соҳибунвон гардидаанд.

Ҷӯрабек Назрӣ рӯзи 24 майи соли 2020 дар синни 74-солагӣ вафот кардааст.

**Намунаи осор**

«Девони ашъор»-и Ибни Ямини Фарюмадӣ [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2019. – 356 с.

«Девони ашъор»-и Фахрии Ҳиравӣ [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2019. – 190 с.

Илму фарҳанг, ҳунару маҳорат бо ҳам тавъаманд [Матн]: мусоҳиба бо Ҷӯрабеки Назрӣ / мусоҳиб Ҳ. Ҳомид // Тоҷикистон. – 2007. – 15 март.

Илоҳиёти китоби «Шифо»-и Ибни Сино ба забони тоҷикӣ [Матн] // Мероси ниёгон. – 2019. – №21. – С.103-105.

Қиссаи Сулаймон ва маликаи Сабо дар назми форсу тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1996. – 244 с.

Мактабии Шерозӣ ва достони ӯ «Лайлӣ ва Маҷнун» [Матн]. – Душанбе, 1983. – 185 с.

Мактабии Шерозӣ – сарояндаи ишқномаи куҳан [Матн]: монография. – Душанбе: Дониш, 2019. – 260 с.

Метавонистам зиндагии сарсариро интихоб намоям [Матн]: мусоҳиба бо Ҷӯрабеки Назрӣ / мусоҳиб Б. Қодирдухт // Чархи гардун. – 2006. – 22 декабр.

Олимӣ пирию ҷавонӣ надорад [Матн]: нуктаи назари Ҷ. Назриев оид ба илму фарҳанг // Тоҷикистон. – 2004. – 15 январ.

Сайидо суханвари нодирагуфтор [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2018. – 185 с.

Сухан аз қадру қимати мероси хаттии ниёгон [Матн] // Мероси ниёгон. – 2018. – №20. – С.103-106.

«Туҳфату-л-аҳбоб фӣ тазкирати-л-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ [Матн] / Бо муқаддима, таҳия ва тавзеҳоти Ҷ. Назриев. – Душанбе: Дониш, 2020. – 273 с.

## Адабиёт

Ғаффор, С. Достони хунёгари ҷигархун [Матн] // Рӯзгор. – 2014. – 12 феврал.

Икромӣ, С. Сурудаш аз дили бигдохта бархост [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2016. – 3 июн.

Муҳаққиқи дақиқназар ва ҳунарманди соҳибзавқ [Матн] / А. Сатторов, Д. Саймиддинов, Х. Шарифов ва диг. // Садои мардум. – 2001. – 10 ноябр.

Назриев Ҷӯрабек [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 343.

Родмарди андеша ва ҳунар [Матн]. – Душанбе, 2007.

Сафаров, С. Шогирди падар [Матн] // Омӯзгор. – 2009. – 30 июн.

Сафаров, С. Якчанд сухан дар бораи донишманд [Матн] // Омӯзгор. – 2006. – 30 июн.

Файзулло, Ҳ. Фотеҳи қуллаҳо [Матн] // Маориф ва маданият. – 1975. – 14 октябр.

Ҳақназар, Ш. Ҳамрози ишқ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 20 октябр.

Хуросонӣ, А. Марде аз табори илму адабу хирад [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2016. – 21 июн.

Ҳунарманди донишманд [Матн] // Миллат. – 2012. – 20 июн.

Ҷалилов, С. Устод Ҷӯрабек Назрӣ ва дунёи маърифат [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2017. – 17 март.

Ҷӯрабек Назриев [Матн]: сӯгворӣ // Симурғ. – 2020. – №6(2). – С.158-159.

Шоҳсаидзода, Н. Сина моломоли дард аст… [Матн] // Чархи гардун. – 2014. – 8 январ.

## СӮҲРОБ ҚУРБОНОВ
**(Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)**

Сӯҳроб Қурбонов, рассоми шинохтаи тоҷик, Рассоми халқии Тоҷикистон (1986), Рассоми халқии СССР (1990), дорандаи Ҷоизаҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ (1990, 1996, 2010) 2 июли соли 1946 дар ш. Қурғонтеппа таваллуд шудааст. Дар Институти давлатии рассомии ба номи В. Сурикови ш. Москва (1966-1971) хондааст. Аз соли 1967 машғули корҳои эҷодист. Солҳои 1982-2012 раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон буд. Дар санъати рассомӣ ва монументалӣ асарҳои сершумор офарида, тибқи анъанаҳои минётурнигории шарқӣ маҳораташро сайқал бахшидааст. Яке аз намояндагони барҷастаи он тамоюлотест, ки дар санъати тасвирии тоҷик солҳои 70-уми қарни гузашта зуҳур кардааст. Мушаххасоти тамоюлот иборат аст аз андешаҳои амиқи фалсафӣ дар мавриди воқеияти имрӯз, тавсифҳои барҷаста дар тасвири симоҳо ва таваҷҷуҳи бештар ба ҷаҳони маънавии қаҳрамонон. Тарҳи шукӯҳманд,

тафаккури пурмояи ҳунарӣ, мазмуни мӯҷаз дар мусаввараҳояш намоён аст. Мусавваратҳои зиёд, тарҳҳои қолини дастбоф, намояҳои ороишӣ барои иморатҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ офаридааст, ки аз заҳматдӯстиаш шаҳодат медиҳанд. Таваҷҷуҳи ин мусаввири номиро на танҳо мавзӯи таърихӣ, балки масоили иҷтимоӣ, равонӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ дар зиндагии пешин ва имрӯза, мавзӯъҳои ишқӣ ва шоирона низ ҷалб намудаанд. Дар ҳунари чеҳранигорӣ ҳам истеъдодашро маълум намуда, умдатарин сифатҳои симои инсонро муҷассам сохтааст. «Тӯй», «Духтаракони шоҳмотбоз», «Шишагарони венгерӣ», «Ҷавонии Тоҷикистон», «Байрақбардори шаҳид», «Портрети оилавӣ дар хона», «Расми духтарам», «Комсомолка Мая», «Монтажгар», «Натюрморт бо меваҳо», «Натюрморт бо тор», «Мизи корӣ» ва дигар дастранҷаш қобили таваҷҷуҳ аст. Бо асарҳои монументалиаш Кохи Ваҳдат, Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ, Сирки давлатӣ, намояи «Чароғи Илич» дар бинои ГЭС-и Норак ва дигар иншоот оро ёфтаанд. Осораш дар бисёр намоишгоҳҳои ҷумҳуриявӣ, умумииттифоқӣ ва байналмилалӣ ба маърази тамошо гузошта шудааст.

Сӯҳроб Қурбонов соли 2016 вафот кардааст.

**Намунаи осор**

Бозсозӣ дар кори мо [Матн]: андешаҳои раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 19 март.

Равзанаи нур ба олами ботин [Матн]: мусоҳиба бо С. Қурбонов // Тоҷикистони советӣ. – 1985. – 4 январ.

Санъати тасвирии тоҷик такомул меёбад [Матн]: мусоҳиба бо рассом С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 2003. – 30 май.

Симои кишвари азиз [Матн]: суҳбат бо рассом С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 1984. – 19 апрел.

Тобиши рангҳои кишвар [Матн]: мусоҳиба бо рассом С. Қурбонов // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 3 июл.

**Адабиёт**

Муродов, Р. Чашмасори файзбор [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1991. – 30 май.

Нақши хаёлангез [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1982. – 21 декабр.

Намоиши маҳорат [Матн] // Тоҷикистони советӣ. – 1986. – 9 феврал.

Олимов, Р. Паёми дӯст [Матн] // Минбари халқ. – 2006. – 30 август.

Талбакзода, Б., Сӯҳбатзод, Ҳ. Дилбохтаи санъат [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 7 август.

Усмонов, И. Фирдавсӣ зодаи Сӯҳроб [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2007. – 21 июн.

Ҳақиқати ҳаёт ва ҳақиқати тасвир [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 9 апрел.

Лавров, Б. Сухраб Курбанов [Текст]. – М., 1980. – 69 с.

## МУҚАДДАМА АШРАФӢ
### (Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Муқаддама Мухторовна Ашрафӣ, санъатшинос, доктори илмҳои санъатшиносӣ (1986), профессор (1993), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2000) 5 июли соли 1936 дар ш. Тошканд таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи мактаби мусиқии шаҳри Тошканд (1954) ва шуъбаи таърихи санъати Университети давлатии Москва (1959) мебошад. Солҳои 1959-1961 ва 1970-1972 дар Институти шарқшиносии АИ СССР кор карда, аз соли 1972 корманди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ Тоҷикистон буд. Фаъолияти худро аз омӯзиши минётураҳои мусаввирони тоҷик шурӯъ намуда, бештар минётураҳои асарҳои Абдураҳмони Ҷомиро таҳқиқ кардааст. Баъдан ба омӯзиши ҳаматарафаи мактаби минётураи Бухорои солҳои 40 – 70 асри XVI ва мусаввараҳои ба дастнависи асарҳои классикони адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик эҷодкардаи рассомони асрҳои XIV – XVIII пардохт. Дар давоми фаъолияташ ба таҳқиқи мусавවараҳои рассоми бузург Беҳзод машғул шуда, хонандагонро бо шахсияти рассоми бухороии асри XVI Маҳмуди Музаҳҳиб, Муҳаммадмуроди Самарқандӣ ва дигар минётурнигорони Осиёи Миёна ошно намуд. Асарҳояш дар нашрияҳои мамлакатҳои хориҷӣ ба табъ расидаанд. Дар симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ оид ба санъат иштирок ва суханронӣ кардааст. Либреттои балетҳои «Темурмалик», «Муҳаббат ва шамшер» ва ораторияи «Достони Рустам» ба қаламаш тааллуқ доранд, ки дар театрҳои Душанбеву Тошканд ва Самарқанд ба саҳна гузошта шудаанд.

Муқаддама Ашрафӣ 29 июни соли 2013 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст.

**Намунаи осор**

Бехзод и развитие бухарской школы миниатюры XVI в. [Текст]. – Душанбе, 1978. – 239 с.

Бухарская школа миниатюры 40 – 70 гг. XVI в. [Текст]. – Душанбе, 1977. – 30 с.

Из истории развития миниатюрной живописи Ирана XVI в. [Текст]. – Душанбе, 1978. – 185 с.

Миниатюры XV века в рукописах произведений Джами [Текст]. – М., 1966. – 112 с.

Персидско-таджикская поэзия в миниатюрах XIV – XVII вв. [Текст]. – Душанбе, 1974. – 126 с.

Персидско-таджикской поэзии и миниатюры [Текст]. – Душанбе, 1974. – 127 с.

Самаркандская школа миниатюры XVI – XVII вв. [Текст]. – Душанбе, 2000. – 137 с.

Средневековый костюм таджиков XII – XVIII веков: по данным миниатюры [Текст]. – Душанбе, 2002. – 64 с.

Таджикская миниатюра [Текст]: Бухарская школа миниатюры XVI – XVII вв. – Душанбе, 2011. – 30 с.

Таджикская миниатюра: от Бехзода до Ризай Аббаси [Текст]. – Душанбе, 2011. – 169 с.

**Адабиёт**

Ашрафӣ Муқаддама Мухторовна [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1989. – Ҷ. 1. – С. 379.

Ашрафӣ Муқаддама Мухторовна [Матн] // Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2013. – Ҷ. 2. – С. 196.

Ашрафӣ Муқаддама Мухторовна [Матн] // Энсиклопедияи Советии Тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 8. – С. 520.

## БУРҲОН РАҶАБОВ
### (Ба муносибати 85-солагии зодрӯзаш)

Бурҳон Раҷабов, актёри театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1974), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1989) 15 августи соли 1936 дар ш. Самарқанд ба дунё омадааст. Соли 1959 Институти театрӣ-бадеии ба номи А. Островскийи ш. Тошкандро хатм карда, дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ чун актёр беш аз 35 сол заҳмат кашид. Аз соли 1996 то поёни умр – 05.08.2011 муқими ш. Самарқанд буд. Дар қариб 100 спектакли театр ҳунараш зуҳур кардааст. Инҳо «Шоҳ Лир», «Ду веронагӣ», «Кӯҳистонӣ», «Гунаҳкорони бегуноҳ», «Сароби хунин», «Муфаттиш», «Бой ва хизматгор», «Шаби гирифтани моҳ», «Гавҳари шабчароғ», «Интихоби домод», «Дод аз дасти ақл», «Рустам ва Сӯҳроб», «Эзоп», «Ваня тағо», «Вопасин арӯси амиралмӯъминин», «Бежан ва Манижа» ва ғайраҳо мебошанд. Дар кинофилмҳои тоҷикии «Ҳасани аробакаш», «Паланг даркор», «Боз як шаби Шаҳрзод», «Афсонаҳои нави Шаҳрзод», «Шаби охирини Шаҳрзод»,

«Ашк ва шамшер» ва ғайраҳо ҳунари баланд нишон додааст. Солҳои охир дар Самарқанд театр-студияи «Овози Самарқанд»-ро таъсис намуда, бо иштироки актёрони ҷавон чанд намоишнома, аз ҷумла «Хӯса»-и А. Истадро рӯи саҳна овард.

Бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии Тоҷикистон сазовор шудааст.

## Намунаи осор

Имтиҳони ҳунар [Матн]: мусоҳиба бо ҳунарпеша Б. Раҷабов / мусоҳиб Т. Расулов // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 7 август.

Садои барқ оғози эҷоди ман аст [Матн]: мусоҳиба бо ҳунарпеша Б. Раҷабов / мусоҳиб Б. Ғанӣ // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 1 январ.

## Адабиёт

Ёров, Р. Дурахши истеъдод [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1974. – 1 январ.

Қодир, О. Бурҳони истеъдод ва ҳунар [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2011. – 15 сентябр.

Расулӣ, А. Оҳанги дил [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1990. – 4 январ.

Шарофов, М. Зинаҳои камолот [Матн] // Маданияти Тоҷикистон. – 1981. – 13 феврал.

Шарофов, М. Эҷодкори характерҳои гуногун [Матн] // Маориф ва маданият. – 1978. – 19 январ.

## БОЗОРБОЙ ХОЛОВ
## (Ба муносибати 65- солагии зодрӯзаш)

Бозорбой Сайфуллоевич Холов, китобхонашинос, номзади илмҳои педагогӣ (1989), дотсент (1992) 20 августи соли 1956 дар деҳаи Чилчашмаи ноҳияи Файзобод таваллуд ёфтааст. Солҳои 1973-1977 дар факултаи китобдории Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода (минбаъд ДДСТ ба номи М.Турсунзода, ҳоло Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода) таҳсил кардааст. Баъди хатми Донишкадаи мазкур солҳои 1977-1979 дар вазифаи сарбиблиографи Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ ва солҳои 1980-1985 дар кафедраи китобхонашиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода аввал ба ҳайси мудири кабинет ва сипас омӯзгори кафедра кор кардааст. Солҳои 1985-1988 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишкадаи давлатии маданияти ш.Санкт-Петербург таҳсил намуда, соли 1989 дар мавзӯи «Бунёди китобдорӣ дар Тоҷикистон» рисолаи номзадиро бомуваффақият дифоъ мекунад. Солҳои 1989-1991 ба ҳайси омӯзгор, омӯзгори калони кафедраи китобхонашиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода, солҳои 1992-1994 мудири кафедраи китобхонашиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода, солҳои 1994-2000 декани факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода, соли 2000 – муовини Директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2000-2005 мудири кафедраи китобхонашиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода, солҳои 2005-2011 декани факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода (2005-2011), солҳои 2011-2015 мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва бойгоншиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода, солҳои 2015-2019 декани факултаи

китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзода ифои вазифа намуда, аз соли 2019 то имрӯз вазифаи мудири кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии ДДСТ ба номи М.Турсунзодаро ба уҳда дорад.

Доираи таълифоти Бозорбой Холов серпаҳлӯ буда, ба масоили мубрам ва муаммоҳои печидаи илми китобхонашиносии тоҷик бахшида шудаанд. Афкору андешаҳои ӯ дар осори ҷудогона ва мақолаҳои дар нашрияҳои илмӣ ва даврӣ интишорёфтааш дастраси мутахассисони соҳа гардидаанд. Асарҳои «Рушди маҷмӯи китобхонаҳои оммавӣ дар Тоҷикистон», «Татбиқи ҷадвали ТКБ дар таҷрибаи китобхонаҳои оммавии ҷумҳурӣ», «Хизматрасонии китобдорӣ ба аҳолии деҳоти Тоҷикистон», ки ба забони русӣ таълиф шудаанд, ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

Бозорбой Холов дар баробари таълифи асарҳои илмиву методӣ ба тарбияи мутахассисони ҷавони соҳа таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намуда, ҳамчун мудир ва декани факулта барои ба меъёрҳои байналмилалии таълим мувофиқу созгор намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ, таҳияву интишорӣ маводи методиву таълимӣ, ҷоринамоии тахассус ва фанҳои нави таълимӣ кӯшиши зиёд ба харҷ додааст.

Ҳиссааш дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», «Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015», «Низомномаи китобхонаҳои оммавӣ», маҷмӯаву маводи таълимии «Дар оғӯши китобҳо», «Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон 40 сола», «Таърихи китобдории кишварҳои хориҷӣ», «Мураттабсозии адабиёт дар феҳристи мураттабӣ» ва ғайра қобили мулоҳиза мебошад.

Ӯ муаллифи беш аз 250 асару мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, методиву библиографӣ мебошад.

Барои нишон додани ташаббус дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ бо медали «Хизмати шоиста», нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукофотонида шудааст. Ҳамзамон ғолиби озмунҳои «Олими пурмаҳсули сол» ва «Муаллими сол» дониста шудааст.

**Намунаи осор**

Афкори китобхонашиносии тоҷик: вазъият ва дурнамои пажӯҳишҳо [Матн] // Паёмномаи фарҳанг. – 2014. – №2 (26). – С. 111 –114.

Вазъи таълиму тарбия дар факултаи китобдорӣ [Матн] // Фарҳанг ва ҳунар. – 2010. – №1. – С.36-37.

Ваъият ва проблемаҳои таълими фанҳои китобдорӣ [Матн] // Анис. – 2000. – №2. – С.58-65.

Истилоҳоти китобдории навин [Матн] // Анис. – 1999. – №3-4. – С.89-93.

Махзани маърифат [Матн]: дастури таълимӣ барои донишҷӯён. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 96 с.

Муҳаққиқи библиографишиносии тоҷик [Матн] // Олами ҳунар: нашрияи ДДСТ ба номи М.Турсунзода. – 2008. – С.21.

Мушкилот ва чораҳои беҳтарнамоии тарбияи китобдорон [Матн] // Пайёмномаи фарҳанг. – 2008. – №8. – С.16-19.

Проблемаҳои фаъолияти китобдорӣ [Матн] // Пайёмномаи фарҳанг. – 2003. – №8. – С.44-48.

Тарбияи касбии китобдорон дар Тоҷикистон: проблемаҳоиислоҳот [Матн] // Фарҳанг – силоҳи маънавии пирӯзӣ: маводҳои конфронси илмӣ– амалӣ бахшида ба 60–солагии Ғалаба дар ҶБВ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С.26 – 28.

Таҳқиқи илмии фаъолияти китобдорӣ дар шароити рушди фарҳанги маънавӣ [Матн] // Фарҳанг ва санъат. – 2018. – №1. – С. 67-73.

Чанд андешае перомуни таҷрибаомӯзии донишҷӯён [Матн] // Анис. – 2002. – №1. – С.31-35.

**ххх**

Библиотечные кадры Таджикистана [Текст] // Сов.библиотековедение. – 1991. – №2. – С.16 – 23.

Профессиональное библиотечное образование в Республике Таджикистан [Текст]: проблемы реформирования // Олами ҳунар. – 2005. – 28 марта.

## Адабиёт

Қодиров, Ф. Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар [Матн] // Олами ҳунар. – 2001. – 5 октябр.

Тошев, Ш. Беҳтар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест [Матн] // Садои мардум. – 1996. – 17 август.

Тошев, Ш. Холов Бозорбой // Коршиносони эҷодкори Китобхонаи миллӣ [Матн]: маълумотномаи шарҳиҳолии библиографӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – С.72-73.

Холов Бозорбой Сайфуллоевич [Матн]: китобномаи шарҳиҳолӣ / мураттиб ва муаллифи мақолаи муқаддимавӣ Ш. Тошев; зери назари В.Набиев. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 64 с.

Ҳабибов, Ш. Раванди таълим дар донишкада [Матн] // Олами ҳунар. – 2001. – 2 ноябр.

## ҶАМШЕД ИСМОИЛОВ
### (Ба муносибати 65-солагии зодрӯзаш)

Сарояндаи машҳур, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҷамшед Исмоилов 30 августи соли 1956 дар ноҳияи Ховалинг таваллуд шудааст. Соли 1977 Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзодаро ба итмом расонда, дар Идораи ҷавонони ш. Душанбе фаъолияти меҳнатиашро оғоз мебахшад. Солҳои 1979-1981 ба ҳайси корманди Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ, 1981-1994 овозхони дастаи мақомхонон ва роҳбари дастаҳои ҳунарии Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ, 1995-2001 муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2002-2004 дар корҳои эҷодӣ, 2004-2013 сарвари кулли Иттиҳодияи давлатии гурӯҳҳои эҷодию консертии назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2013 то охири умр муовини директори Муассисаи давлатии сафарӣ-ҳунарии «Базморо» ва ҳамзамон раиси Иттифоқи арбобони санъати Тоҷикистон буд.

Ҷамшед Исмоилов бешубҳа аз овозхонони бомаҳорати тоҷик аст, ки бо шеваи хос вориди майдони фарохи мусиқӣ гардида, таваҷҷуҳи доираи васеи мухлисонро ҷалб сохтааст. Таронаҳои халқӣ, сурудҳои муосир, мусиқии касбии классикӣ заминаи эҷодиёташро ташкил додаанд, дар ҳама ҳолат барои шунаванда оромиши дилпазирро ба армуғон меовард. Теъдоди

сурудаҳояш аз 150 мегузарад, ба аксари онҳо худ оҳанг эҷод кардааст. «Чӣ мегӯӣ?», «Ватан», «Дар тобу табат бинам», «Таронаи ваҳдат», «Шукрона бояд кард», «Модар», «Марсияи хуршед», «Гиряму гирям», «Бобои мо» муште аз хирвори таронаҳояш мебошанд.
Ба Афғонистон, Эрон, мамолики Араб, Ҳиндустон, Туркия, Русия, Олмон, Фаронса ва дигар давлатҳо сафари ҳунарӣ анҷом додааст.

Ҷамшед Исмоилов 16 августи соли 2020 вафот кардааст.

**Намунаи осор**

«Андалеб» падидаи нав дар фарҳанги тоҷик [Матн] // Ҷумҳурият. – 2018. – 15 ноябр.

Базми Ҷамшед [Матн]: мусоҳиба бо сароянда Ҷамшед Исмоилов / мусоҳиб С. Ҷалолов // Тоҷикистони советӣ. – 1990. – 1 январ.

Дӯсте, ки бародар бошад [Матн]: оид ба фаъолияти Нур Табаров ва Миратулло Атоев // Баҳори Аҷам. – 2019. – 6 март.

Имрӯзу фардоям шунав [Матн]. – Душанбе, 2000. – 79 с.

Пешвои миллат эҳёгари фарҳанги миллӣ [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 6 июн.

Савту навои Ҷамшед [Матн]: мусоҳиба бо овозхон Ҷамшед Исмоилов / мусоҳиб Ҷ. Мақсуд // Чархи гардун. – 2007. – 29 март.

Санъати анъанавӣ ва замон [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2019. – 1 август.

Тамошобин набояд таҳқир бинад [Матн]: мусоҳиба бо овозхон Ҷамшед Исмоилов / мусоҳиб Ҳ. Ҳомид // Чархи гардун. – 2011. – 20 июл.

Ҳунарманд мунодии сулҳ аст [Матн]: мусоҳиба бо овозхон Ҷамшед Исмоилов / мусоҳиб Ҳ. Ҳомид // Адабиёт ва санъат. – 2005. – 23 июн.

Эҷодкор қосиди маънии баланд аст [Матн]: мусоҳиба бо овозхон Ҷамшед Исмоилов / мусоҳиб Д. Ҳайдар // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1999. – 6 май.

**Адабиёт**

Аюбзода, С. Эҳёи ҳунари воло [Матн] // Садои мардум. – 1999. – 29 май.

Диловаров, М. Исмоилов Ҷамшед Қосимович [Матн] // Кӯлоб. Энсиклопедия. – Душанбе, 2006. – С. 208-209.

Ёр, С. Даргузашти муаллифи «Модари ман» [Матн] // Оила. – 2020. – 19 август.

Қосимов, Н. Базми Ҷамшед [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1981. – 18 январ.

Мирзоев, И. Шарофати истеъдод [Матн]: ёде аз Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон шодравон Ҷамшед Исмоилов // Адабиёт ва санъат. – 2020. – 15 октябр.

Муҳаммадӣ, А. Базми ҷамшедии Ҷамшед [Матн] // Ҷумҳурият. – 1999. – 8 май.

Назрӣ, Ҷ. Ҷамшеди хушовоз [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2016. – 26 август.

Табаров, С. Суруди дилнавоз [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 1987. – 2 апрел.

Усмонов, И. Таронаҳои мавҷи ором [Матн] // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 12 сентябр.

Хуросонӣ, А. Базми Ҷамшед [Матн]. – Душанбе, 2000. – 97 с.

Ҳисориев, А. Ошиқи зиндагӣ [Матн] // Ҷавонони Тоҷикистон. – 1989. – 3 март.

## НОДИРҶОН СОЛИҶОНОВ
### (Ба муносибати 70- солагии зодрӯзаш)

Нодирҷон Солиҷонов 3-юми сентябри соли 1951 дар ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Соли 1967 мактаби миёнаи №1 ба номи Умари Хайёмро хатм карда, ба Донишкадаи педагогии ба номи Т.Г.Шевченкои шаҳри Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) дохил шуда, онро соли 1972 бо ихтисоси китобшинос-китобдор хатм менамояд.

Фаъолияти меҳнатиаш соли 1972 ба ҳайси инспектори шуъбаи маданияти вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) оғоз ёфта, минбаъд дар вазифаҳои мудири шуъбаи илмӣ-методии Китобхонаи оммавии ба номи Тошхӯҷа Асирӣ, саринспектори Кумитаи иҷроияи Совети депутатҳои меҳнаткашони вилоят, инспектори Шӯрои вилоятии иттифоқи касабаи Тоҷикистон, мушовири Кумитаи вилоятии Лениниободии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, ҷонишини раиси Кумитаи иттифоқи касабаи коркунони фарҳанги вилоят, директори Китобхонаи

оммавии ба номи Тошхӯҷа Асирӣ, муовини сардори Идораи фарҳанги Ҳукумати вилояти Суғд кор кардааст.

Нодирҷон Солиҷонов ҳамчун мутахассиси варзидаи соҳаи китобдорӣ дар конфронсҳои илмиву амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкати фаъол варзида бо гузоришҳои пурмуҳтаво доир ба масоили ҳалталаби соҳаи китобдории тоҷик мулоҳизаҳои ҷолиб баён намудааст. Ба қалами ӯ беш аз 100 асару мақолаҳои илмӣ ва мусоҳибаву гузоришҳои ҷолиб тааллуқ доранд. Аз ҷумла, Нодирҷон Солиҷонов муаллифи китобҳои «Арзишҳои фарҳангӣ ва фарҳангиён», «Фарҳанги миллӣ ва муносибатҳои иқтисодӣ», «Саҳмгузорони ҳуқуқии истиқлолияти Тоҷикистон», «Ҳувияти миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ», «Ифтихор» мебошад. Дар мақолаву мусоҳибаҳои ӯ ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳкими равандҳои демократикунонии ҷомеа, муносибатҳои байнипарлумонӣ, густариши равобити фарҳангиву илмӣ бо мамолики хориҷ, истифодаи арзишҳои милливу умумибашарӣ дар худшиносиву худогоҳӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон арзёбӣ гардидаанд.

Нодирҷон Солиҷонов тӯли солҳои 2005-2010 ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, аъзои комиссияи Маҷлиси намояндагон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор фаъолият намуда, дар таҳия ва ба тасвиб расонидани силсилаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб гузоштааст.

Солҳои 2010-2015 ӯ ба сифати мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон адои вазифа намуда, дар рушду такомули низоми

қонунгузории миллӣ, таҳияву омодасозии лоиҳаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолӣ саҳм гузоштааст.

Борҳо ба давлатҳои Австрия, Аморати Араб, Арабистони Саудӣ, Булғория, Ироқ, Испания, Италия, Кипр, Қатар, Мисри Араб, Монако, Полша, Олмон, Славакия, Туркиё, Фаронса, Ҳиндустон, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Эрон ва ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС сафар карда, дар чорабиниҳои сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ ширкат варзидааст.

Алъон Нодирҷон Соличонов дар радифи иҷрои корҳои ҷамъиятӣ ва навиштани мақолаҳои илмиву публитсистӣ боз дар бахши китобдории факултети санъати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Коллеҷи санъати ба номи Содирхон Ҳофизи шаҳри Хуҷанд ба донишҷӯён аз фанҳои тахассусии соҳаи китобдорӣ дарс мегӯяд.

Дорандаи медали «Хизмати шоиста», аълочии фарҳанг ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## Намунаи осор

Аносир ва суннатҳои фарҳанги мардумӣ дар ташаккули худогоҳии ҷавонон [Матн] // Садои мардум. – 2007. – 1 декабр.

Арзишҳои фарҳангӣ ва фарҳангиён [Матн]. – Хуҷанд, 2005. – 168 с.

Демократияи ҷадид ва барқароршаванда [Матн] // Садои мардум. – 2006. – 23 ноябр.

Заминаҳои қонунии ҳифзи мероси хаттӣ [Матн] // Садои мардум. – 2005. – 17 май.

Ифтихор [Матн]. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 284 с.

Китобхонаҳо ва бозшиносии ҳувияти миллӣ [Матн] // Нақши муассисаҳои фарҳанг дар густариши тамаддуни ориёӣ: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2006. – С. 98-104.

Қомуси «Хуҷанд» ва эҳёи таърих [Матн] // Китобхона дар оинаи матбуот. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. – С.18-24.

Роғун: ягонагии қавлу амал, боварӣ ва эътимод [Матн] // Садои мардум. – 2009. – 29 декабр.

Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавӣ зери ҳимоя қарор доранд [Матн] // Садои мардум. – 2007. – 20 январ.

Фарҳанги маънавӣ ва худшиносии миллӣ [Матн] // Паёмномаи фарҳанг. – 2008. – №11. – С.3-6.

Хазинаи қонун ва маънавият [Матн] // Садои мардум. – 2006. – 2 октябр.

Ҷомеаи соҳибистиқлол [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – 336 с.

**Адабиёт**

Абдулов, К. Ҷонфидои фарҳанг [Матн] // Тирози ҷаҳон. – 2001. – 19 сентябр.

Аҳмедов, А. Дӯстиву бародариро аз ӯ омӯхт [Матн] // Ифтихор. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С.247-250.

Комилзода, Ш. Инсони нексиришт ва равшанзамир [Матн] // Ифтихор. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С.251-253.

Марофиев, С. Сухане чанд аз фаъолияти Ҳоҷи Нодири Фарҳанг [Матн] // Ифтихор. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С.216-221.

Мирсаидов, Б. Толеъ агар мадад кунад, хок зар шавад…[Матн] // Ифтихор. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С.261-266.

Нурзод, Н. Накумаҳзар ва андешапарвар [Матн] // Ифтихор. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С.254-260.

Рустам, Ғ. Покрой [Матн] // Эътиқод. – 2000. – 28 январ.

Ҳоҷиев, М. Кадомин як сифоти ӯ бигӯем [Матн] // Ифтихор. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С.222-246.

## БАҲОВАДДИН ЗУҲУРИДДИНОВ
### (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Меъмори шинохтаи тоҷик, Бинокори шоистаи Тоҷикистон (1995), дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ (1996) Баҳоваддин Зуҳуриддинов 30 сентябри соли 1946 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии пойтахт (1966) ва Институти меъмории ш. Москваро (1972) хатм намуда, дар Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло ДТТ ба номи М. Осимӣ) дарс додааст. Аз соли 1977 дар Институти лоиҳакашии «Душанбегипрогор», 1990-1992 сармеъмори шаҳри Душанбе, 1992-2006 раиси Госстройи Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 2006 Президенти Академияи

меъморӣ ва сохтмони Тоҷикистон мебошад. Аз рӯи лоиҳаҳояш дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, инчунин шаҳрҳои Тошканд, Брянск, Уляновск бисёр иншоот бунёд ёфтаанд, ки муҳимтаринашон Маҷмааи ёдгории «Ватан-Модар» дар Боғи Ғалабаи пойтахт, Маркази дӯстии «Душанбе-Клагенфурт», Маҷмааи меъмории 1100 – солагии Давлати Сомониён дар ш. Душанбе, Боғи «Пойтахт-80», Маркази кории «Душанбе-Плаза», биноҳои Қасри Миллат, мақбараи М. Турсунзода дар Лучоб, лоиҳаи ш. Роғун ва ғайра ҳастанд.

**Адабиёт**


Зуҳуриддинов Баҳоваддин [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 1988. – Ҷ. 1. – С. 476-477.

Неккадам, Т. Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ [Матн]: мусоҳиба бо раиси кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Тоҷикистон Б. Зуҳуриддинов // Садои мардум. – 2002. – 6 апрел.

Шариф, Ш. Падидаи меъмории Баҳоваддин [Матн] // Тоҷикистон. – 1992. – 16 октябр.

**ххх**

Мамаджанова, С. Баховаддин Зухуриддинов [Текст]. – Душанбе, 1996. – 86 с.

Мамаджанова, С., Мукимов, Р. Зодчий Баховаддин [Текст]. – Ереван: Национальный музей - институт архитектуры, 1997. – 93 с.

# ТАҒОЙМУРОД РОЗИҚОВ
## (Ба муносибати 75-солагии зодрӯзаш)

Актёри театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон (1987), Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон (1998) Тағоймурод Розиқов 26 ноябри соли 1946 дар деҳаи Ҳавзаи ноҳияи Мӯъминобод таваллуд шудааст. Соли 1965 Омӯзишгоҳи мусиқии ш. Душанбе ва 1971 Институти давлатии санъати театрии ба номи А. Луначарскийи ш. Москваро хатм карда, умре дар Театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидов заҳмат кашидааст. Дар аксар намоишномаҳое, ки ҳайати эҷодии театри номрафта рӯи саҳна овардааст, нақш бозида, симои қаҳрамононашро ботамом кушодааст. «Ситораи раҳнамо», «Ҳукм», «Ба пеш, холаҳо», «Ҷавонони Сино», «Муаллими рақс», «Ҳаёти ҷовид», «Рӯдакӣ», «Гурӯғлӣ», «Мири кабир», «Туғрал» аз зумраи спектаклҳоанд, ки ҳунараш дар онҳо буруз кардааст. Зиёда аз бист филми бадеии гуногунжанри тоҷикӣ бо иштирокаш ба навор бардошта шудаанд, ки «Дарди ишқ», «Мӯе аз хамир», «Чоҳ», «Парвози замбӯр», «Гирдоб», филми бисёрқисматаи телевизионии «Дар орзуи падар» аз ҷумлаи онҳоанд. Аз маҳорати Тағоймурод Розиқов дар телевизиони тоҷик нakӯ баҳра бурдаанд, дар зиёда аз сесад саҳнача, спектаклу филмҳои телевизионӣ, амсоли «Шарораи Хуҷанд», «Найрангҳои Майсара», «Кадри ҳавоӣ» нақши марказӣ бозидааст. Аз соли 1982 ҳамчун омӯзгор ва солҳои 1998-2008 декани факултаи театрӣ-бадеии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода кор карда, дар тарбияи актёрони ҷавон саҳми муносиб гузоштааст. Ҳамроҳи донишҷӯён чандин спектакли бисёрпардагӣ, монанди «Зангирии Қорипочо», «Бе хато», «Умари Хайём», «Дуроҳаи бӯронӣ» таҳия намудааст.

Муаллиф, коргардон ва иҷрокунандаи бисёр барномаҳои ҳунарӣ, консертӣ, намоишҳои фарҳангии ҷумҳуриявӣ мебошад.

**Намунаи осор**

[Тамоми фаъолияти эҷодии Толибҷон барои ман боиси ифтихор аст…] [Матн] // Бобоев Толибҷон Ғаниевич: маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – С.28.

Толиби ҳунар [Матн] // Толиби ҳунар: маҷмӯааи мақола, муоҳибаҳо, шеърҳо ва хотирот аз ҳаёт ва фаъолияти Толиб Бобоев. – Душанбе: Адиб, 2018. – С.295-297.

Ҳаҷв ба таҳқири миллат мубаддал нашавад [Матн]: мусоҳиба бо Т. Розиқов / мусоҳиб Ҷ. Қуддус // Чархи гардун. – 2007. – 8 март.

**Адабиёт**

Бобоев, Т. Ҷашни фархунда муборак, устоди гиромиқадр! [Матн] // Баҳори Аҷам. – 2016. – 15 ноябр.

Розиқов Тағоймурод [Матн] // Кӯлоб. Энсиколопедия. – Душанбе, 2006. – С. 382-383.

Розиқов Тағоймурод [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. – Душанбе, 2003. – Ҷ. 3. – С. 37.

Сафаров, Р. Инъикоси ҳақиқати зиндагӣ [Матн] // Комсомоли Тоҷикистон. – 1987. – 27 март.

## СОҶИДА АБДУЛЛОЕВА
## (Ба муносибати 100-солагии зодрӯзаш)

Соҷида Хоҷаевна Абдуллоева (1921-1980) Омӯзишгоҳи педагогии Хуҷанд (1941) ва мактаби олии партиявии назди Кумитаи Марказии КПСС (1956)-ро хатм кардааст. Солҳои 1956-1963 директори Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ. директори Китобхонаи вилоятии ба номи Т. Асирии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) (1963-1974), директори Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагона (1974-1980) буд. Ӯ дар тӯли фаъолияти меҳнатиаш дар рушду нумӯи китобхонаҳои мамлакат, бахусус дар бунёди Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳурӣ саҳми муносиб гузоштааст.

Соли 1974 дар арафаи маъракаи муҳими мутамарказонидани китобхонаҳои оммавии давлатӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 57 китобхонаи шаҳрию ноҳиявии бачагона бо 755 ҳазор нусха фонди китобӣ ба аҳолии хурдсоли ҷумҳурӣ хизмат мерасонд. Дар зарфи соли 1974 ба захираи китобии китобхонаҳои бачагона 60 ҳазор нусха китобҳои нави бачагона ворид гардиданд. Теъдоди китобдиҳӣ ба бачагон ба 600 ҳазор нусха китоб расид. Илова бар ин, дар ҷумҳурӣ беш аз 1450 китобхонаи назди мактабии дорои захираи калони китоб ба мактаббачагон хизмат мерасонид. Ин ва дигар омилҳо барои ташкил додани маркази методии китобхонаҳои бачагона мусоидат карданд.

Ҳамин буд, ки соли 1974 Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагона ташкил ёфт ва ин китобхона бо сарварии Соҷида Хоҷаевна аз рӯзҳои аввали ба кор шурӯъ карданаш ҳамчун маркази илмӣ-методии китобхонаҳои бачагона ва мактабии ҷумҳурӣ мунтазам ба китобхонаҳо ёрии амаливу методӣ расонида, дар радифи таҳияву интишори дастуруламалҳою тавсияҳои методӣ, ҳамзамон ҷиҳати ташкилу баргузории

чорабиниҳои мухталифи оммавӣ саҳм гузошт. Китобхона семинарҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявии китобдоронро ташкил намуда, таҷрибаи кори китобхонаҳои пешқадамро мавриди омӯзиш қарор дод ва дастраси умум гардонид. Оид ба масоили ҳалталаби китобхонаҳои бачагонаву мактабии ҷумҳурӣ маслиҳатҳои методиро чоп карда паҳн намуд.

Зери роҳбарии Соҷида Хоҷаевна дар Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳурӣ дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ, ки дорои захираи нашрҳои маълумотдиҳӣ (донишномаҳо, маълумотномаҳо, луғатҳо, луғатҳои энсиклопедӣ), системи феҳристу картотекаҳо барои мактаббачагон ва роҳбарони хониши онҳо созмон дода шуд ва низоми мукаммали хизматрасонӣ бо истифода аз ин дастгоҳ ҷорӣ шуд.

## Намунаи осор

Китоб дар хизмати халқ [Матн]: Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ // Занони Тоҷикистон. – 1959. – №9. – С. 14-15.

Иброхимов, С. Муминов, Т. Приближаем книгу к читателю [Текст]: из опыта работы открытого доступа Душанбинской районной библиотеки / редактор С. Абдуллоева. – Сталинабад, 1961. – 39 с.

## Адабиёт

Аҳмадов, Б. Абдуллоева Соҷида Хоҷаевна // Коршиносони Китобхонаи миллӣ. – Душангбе: Эҷод, 2006. – С.3-4.

# РӮЙХАТИ
# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

Ахбори воқеаҳои соли 1991 [Матн] // Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон барои соли 1990 / тартибдиҳандагон: А.И. Мурзинская, И.С. Норкаллаев; муҳаррири масъул Ҳ.Х. Холҷӯраев; мутарҷим С. Хоҷаев, муҳаррир М. Содиқов; КДР ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1989. – С. 104-120.

Ахбори воқеаҳои соли 2006 [Матн] // Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои соли 2006) / мураттибон: Ҷ. Раҷабов, З. Содиқова; муҳаррири масъул Ш.К. Тошев; Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2006. – С. 4-12.

Китобхонаҳои Тоҷикистон дар даврони истиқлол: Феҳристи адабиёт / мураттиб М. Комилов; зери назари Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2016.– 312 с.

Обидпур,Ҷ. Луғатномаи тафсири мусиқӣ / зери назари Б. Қобилова.– Душанбе: Аржанг, 2019. – 480 с.

Тавқими арбобони барҷастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2011 – 2012 / мураттибон: Ҷ. Раҷабов, Қ. Бӯриев; муҳаррири масъул Қ.Б. Бӯриев; ПИТФИ. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 131 с.

Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1988. – Ҷ.1. – 544 с.

Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1988. – Ҷ.2. – 560 с.

Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Иборат аз 3 ҷилд [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1988. – Ҷ.3. – 524 с.

Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2011. – Ҷ.1. – 608 с.

Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2013. – Ҷ.2. – 664 с.
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2014. – Ҷ.3. – 676 с.
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2015. – Ҷ.4. – 660 с.
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2017. – Ҷ.5. – 664 с.
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. – Душанбе, 2017. – Ҷ.6. – 664 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1978. – Ҷ.1. – 672 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1980. – Ҷ.2. – 640 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1981. – Ҷ.3. – 640 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1983 – Ҷ.4. – 640 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1984. – Ҷ.5. – 640 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1986. – Ҷ.6. – 640 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1987. – Ҷ.7. – 640 с.
Энсиклопедияи советии тоҷик. Иборат аз 8 ҷилд. [Матн]. – Душанбе: СИЭСТ, 1988. – Ҷ.8. – 592 с.

## МУНДАРИЧА

**Пешгуфтор** (*Ш. Комилзода*)……………………………3
**Ахбори воқеаҳои соли 2021** (*М.Каримов*)………………...4
**Очеркҳои библиографӣ**…………………………...56
**Аҳмад Бобоқулов**: Ба ифтихори 90-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М. Каримов*) ……………………...56
**Анҷумани якуми кормандони китобхонаҳои Тоҷикистон**: Ба ифтихори 60-солагии баргузориаш (*М. Комилов*)……………………………….59
**Ислом Акрамович Ҷӯраев**: Ба ифтихори 90-солагии зодрӯзаш (*Ш. Комилзода*)…………………..63
**Бозор Сафаралиев**: Ба ифтихори 65-солагии зодрӯзаш (*Ш.Комилзода*)…………………………………67
**Раҳматхоҷа Муҳаммадхоҷаев**: Ба ифтихори 80-солагии зодрӯзаш (*М. Каримов*)……………………...73
**Султон Одинаев**: Ба ифтихори 85-солагии зодрӯзаш (*М. Каримов*)………………………………………75
**Ҷӯрабек Набиев**: Ба ифтихори 80-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)………………………..76
**Рустам Муқимов**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)………………………..79
**Убайдулло Раҷабов**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*) ................................82
**Нуриниссо Бобоҷонова**: Ба ифтихори 90-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*)……………………………………….84
**Сафар Сулаймонӣ**: Ба ифтихори 70-солагии зодрӯзаш (*Ш.Комилзода*) ………………………………87
**Саидалӣ Муҳиддинов**: Ба ифтихори 65-солагии зодрӯзаш (*М. Комилов*)…………………………………….92
**Фазлиддин Шаҳобов**: Ба ифтихори 110-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*) ……………………………………96
**Валимад Одинаев**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………………100
**Толиб Шаҳидӣ**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ҷ.Обидпур, М.Каримов*)……………………102
**Ортиқ Қодиров**: Ба ифтихори 65-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………………105

**Мамадқул Арабов**: Ба ифтихори 100-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………………108
**Отахон Латифӣ**: Ба ифтихори 85-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)…………………...109
**Олия Фаталиевна Юсупова**: Ба ифтихори 90- солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*)……………………112
**Ғаффор Валаматзода**: Ба ифтихори 105-солагии зодрӯзаш (*Ш.Комилзода*)……………………………..114
**Сабзалӣ Шарифзода**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………...…....121
**Бегимсултон Алифбекова**: Ба ифтихори 100-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)…………………...122
**Бекназар Аҳмадов**: Ба ифтихори 95-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*)………………………………..124
**Ҷӯрабек Назриев**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов, Ё.Сучонӣ*)……………………127
**Сӯҳроб Қурбонов**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………………132
**Муқаддама Ашрафӣ**: Ба ифтихори 85-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*)…………………………..........135
**Бурҳон Раҷабов**: Ба ифтихори 85-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)…………………....137
**Бозорбой Холов**: Ба ифтихори 65-солагии зодрӯзаш (*Ш.Комилзода*)……………………………..139
**Ҷамшед Исмоилов**: Ба ифтихори 65-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………………143
**Нодирҷон Солиҷонов**: Ба ифтихори 70-солагии зодрӯзаш (*Ш.Комилзода*)……………………………...146
**Баҳоваддин Зуҳуриддинов**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*Ё.Сучонӣ, М.Каримов*)……………………....150
**Тағоймурод Розиқов**: Ба ифтихори 75-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*)………………………………..152
**Соҷида Абдуллоева**: Ба ифтихори 100-солагии зодрӯзаш (*М.Каримов*)………………………………..154
**Рӯйхати адабиётӣ истифодашуда**.................................156

МИНИСТЕРСТВО КУЛЬТУРЫ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИЙ ИНСТИТУТ
КУЛЬТУРЫ И ИНФОРМАЦИИ

**КАЛЕНДАРЬ ЗНАМЕНАТЕЛЬНЫХ И ПАМЯТНЫХ ДАТ ПО КУЛЬТУРЕ, ИСКУССТВУ И ПЕЧАТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА 2021 ГОД**

На таджикском языке

Составитель
Махмадшариф Каримов

Редактор
Шариф Комилзода

Технический редактор
Джумабой Кузиев

Ба чоп _______ имзо шуд. Андозаи _______.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 10.
Супориши №__ Адади нашр 100

Китоб дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг»
ба табъ расидааст.
ш. Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ – 21